# СТАНДАРТИ

## фанни «Хониши адабӣ»
## барои синфҳои ибтидоии муассисаҳои
## таҳсилоти миёнаи умумӣ

Душанбе — 2023

**Бо қарори мушовараи**
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 31 майи соли 2023 таҳти №8/24 тасдиқ шудааст.**

Мураттибон: *Саломиён Муҳаммаддовуд,*
*Байзоев Азим, Аминов Сайидамир,*
*Ёрмуҳаммадзода Шермуҳаммад,*
*Муҳиддин Зиёев.*

# Мундарича


Сарсухан ........................................................................................................ 2

I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Шарҳи мафҳумҳои асосии стандарт ........................................................ 4

Санадҳои меъёрию ҳуқуқии фанни таълимӣ ........................................... 9

Соҳаи татбиқи стандарти фаннӣ ............................................................... 9

Тавсифи умумии фан ................................................................................ 13

Мавқеи фан дар сохтори нақшаи таълим ............................................... 13

Мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фан ......................................................... 13

Принсипҳои асосии стандарти фан .......................................................... 15

Робитаи байнифаннӣ ................................................................................ 16

Муносибати тафриқавӣ ба таълим ........................................................... 17

II. САЛОҲИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ

Салоҳиятҳои умумӣ (калидӣ) .................................................................. 19

Салоҳиятҳои фаннӣ .................................................................................. 20

Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ ................................................................ 20

Ҷадвали салоҳиятҳои умумӣ (калидӣ) .................................................... 22

Ҷадвали салоҳиятҳои фанни хониши адабӣ ........................................... 27

Ҷадвали салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ .................................................. 33

Талабот ба ҳаҷм, сифат ва мавзуи маводди таълим ................................ 36

Талабот ба интихоби матнҳо, мавзуъ ва таносуби гуногунии онҳо ....... 36

Талабот ба расму суратҳо .......................................................................... 36

Талабот ба матнҳо барои арзёбии натиҷаҳои таълими ҷадвали салоҳият ва натиҷаҳои таълими хониши адабӣ ........................................................................ 37

# Сарсухан

Аз қабули стандарти охирини фанни забони модарӣ барои синфҳои ибтидоӣ 5 сол сипарӣ шуд. Стандартҳои ҷории фанҳои синфҳои ибтидоӣ, аз ҷумла, фанни забони модарӣ замоне таҳия шуда буданд, ки дар муносибати босалоҳият ба таълим қадамҳои аввалин гузошта мешуданд. Дар ҳақиқат, стандартҳои ҷорӣ аз нуқтаи назари ба эътибор гирифтани навгониҳо дар соҳаи маориф дар арсаи байналмилалӣ, гузариш аз таҳсилоти омӯзгормеҳвар ба хонандамеҳвар, ташкили ҷараёни таълим дар асоси салоҳиятҳо ва арзёбии натиҷаҳои таълим қадами ҷиддие ба пеш буд.

Дар ин давра роҷеъ ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии гузариш ба муносибати босалоҳият аз ҷониби мутахассисони дохилӣ ва кормандони лоиҳаҳои гуногуни шарикони рушд таҳқиқоти судманд сурат гирифта, китобу мақолоти зиёде ба табъ расид.

Қобили зикр аст, ки ҷорӣ гардидани муносибати босалоҳият ба таълим бори аввал дар кишвар сурат гирифт, бинобар ин, дар баробари дастгирӣ ва ҳамовозии умумӣ аз ҷониби омӯзгорон, баҳсу мунозираҳои зиёдеро дар байни мутахассисон, мақомоти гуногуни идораи соҳаи маориф, омӯзгорон ва ҳатто падару модарон ба миён гузошт. Бо вуҷуди он ки дар асоси стандартҳои нави таълим барномаҳои таълими фанҳо мураттаб гардида, давра ба давра китобҳои дарсӣ низ такмил ёфтаанд, пас аз гузашти чанд соли истифода аз онҳо садоҳое оид ба ҷиҳатҳои заиф дар фаъолияти омӯзгорӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳияи барномаҳои нави таълим, китобҳои дарсиву роҳнамоҳои омӯзгор баланд гардиданд.

Ҳамзамон бо ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 сентябри соли 2020 бо Қарори худ таҳти рақами 526 «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (СМРМ-2030)-ро тасдиқ намуд, ки он самтҳои асосии рушди соҳаи маорифи кишварро дар даҳсолаи наздик муайян намудааст. Дар СМРМ-2030, аз ҷумла, қайд шудааст: «Дар барномаҳои таълими такмилёфта, ки бояд салоҳиятҳои калидӣ ва дониши умумии кӯдакони синни мактабиро инъикос намоянд, камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд».

Дар доираи татбиқи СМРМ-2030 вобаста ба ҳадафҳои асосии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигаргуниҳои ҷиддӣ дар раванди сиёсати байналмилалӣ идомаи ислоҳоти соҳаи маориф дар назар дошта шудааст, ки бознигарии мазмуни таҳсилот, стандартҳои давлатии зинаҳои гуногуни таҳсилот ва барномаҳои таълим ва дар заминаи онҳо таҳияи китобҳои дарсии насли нав ҷузъи таркибии он аст. Стандарту барномаҳои таълим бояд тавре таҳия гарданд, ки барои таълифи китобҳои дарсии орӣ аз хусусиятҳои динию хурофотӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи муосир мусоидат намоянд ва бо такя ба арзишҳои дунявӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва эҳтироми манфиатҳои миллӣ таълиф шаванд.

Ҳамаи ин зарурати таҷдиди назарро ба стандарту барномаҳои таълими зинаи ибтидоии таҳсилот асоснок намудааст. Дар баробари ин, тибқи дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди ба таври алоҳида таълим додани хониши адабӣ ва забони тоҷикӣ зарурати таҳияи стандарти нави фаннӣ ва муҳтавои таълимро метавон танҳо дар заминаи шаклгирии омӯзишу парвариши умумӣ, дар мутобиқат бо ҳадафҳои пешбинишуда аз мавқеи талаботи таҳсилоти замонавӣ баррасӣ кард.

Ҳангоми таҳияи стандарти фаннӣ мавридҳои зерин ба эътибор гирифта шудаанд:

1. Қабл аз ҳама, ҳадафи асосии таҳсилот — тарбияи инсони озод ва дорои салоҳиятҳои зарурӣ, ҳангоми иҷрои фаъолиятҳои иҷтимоӣ бояд дар мадди назар бошад. Дар стандарт ба вазифаҳои тарбиявии таҳсилот — ташаккули шахсият дар руҳияи ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтироми калонсолону устодон, ҳифзи табиат, тарзи ҳаёти солим, муносибати эҳтиёткорона ба ашёи мактабӣ, хониш ва ғайра таваҷҷуҳи хос дода мешавад.

2. Мазмуни таҳсилот бояд ҳамчун таҷрибаи педагогии озмудашуда, ҳамчун фарҳанги башарӣ бо сохтори пурраи худ муаррифӣ шавад. Мазмуни таҳсилот дар баробари донишҳо ва таҷрибаҳои пешқадами амалӣ намудани воситаҳои фаъолият ҳамчунин таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва муносибатҳои ботинии арҷгузориро ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣниз дар бар гирад.

3. Мақом ва вазифаи фанни таълимӣ бояд бо назардошти ҳадафҳои таҳсилот бо ширкату ҳамкории фаъолонаи ҷомеа, падару модарон, муассисаи таълимӣ, омӯзгор ва хонанда муайян карда шавад.

4. Дар стандарти фаннӣ мазмуни таҳсилот пас аз дастуру пешниҳодоти мукаммали назарӣ бояд зина ба зина ба тариқи зайл пешниҳод шавад:

- пешниҳоди маълумоти назариявӣ доир ба аҳаммияти стандарти фаннӣ;
- ба таври мушаххас нишон додани он ки чиро, чӣ тарз омӯхтан ва барои чӣ омӯхтан зарур аст;
- такмили тадриҷии мухтавои омӯзиш дар зинаҳои минбаъдаи таҳсил;
- ҳамчун воқеият баррасӣ шудани фаъолияти омӯзгор ва шогирд дар мутобиқат бо мавзуи асосии мазмуни таҳсилот;
- арзёбии мазмуни таҳсилот ҳамчун натиҷаи таълим ва фаъолияти хонанда.

5. Стандарти фаннӣ хусусиятҳои инфиродии хонандагонро бояд ба эътибор гирад. Набояд фаромӯш кард, ки барои фаро гирифтани сарчашмаҳои иттилоот на танҳо далелҳои илмӣ, балки вижагиҳо ва талаботи воқеии шогирдон низ хеле муҳим ба шумор меравнд.

6. Стандарти фаннӣ бояд ҳамчун ҷузъи асосии ташаккули мазмуни пешбинишудаи таҳсилот бошад ва арзёбии сифати таҳсилотро бо дарназардошти донишу малакаҳои ниҳоии хонандагон ба назар гирад.

Яке аз хусусиятҳои стандарти нави фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4 он аст, ки дар заминаи он барномаи нави таълими фан таҳия гардида, қабл аз истифодаи ҳамагонӣ аз озмоиш гузашта, вобаста ба тавсияву пешниҳодҳои мутахассисон ва омӯзгорон таҳриру такмил ёфтааст.

# I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## ШАРҲИ МАФҲУМҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТ

Мафҳумҳои умумӣ:

**Адабиёти таълимӣ** — асарҳои хаттӣ, чопӣ ва электронӣ, ки ҳамчун воситаи таълим барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот, курсҳои такмили ихтисос, худомӯзӣ, бозомӯзӣ ва таҳсилоти иловагӣ интишор меёбанд.

Навъҳои АТ чунинанд:

1) асосӣ: китобҳои дарсӣ, васоити таълим, лексияҳо, маҷмуи лексияҳо;

2) иловагӣ: маҷмуи матнҳо (хрестоматияҳо), маҷмуи машқҳо, нақшаҳои машғулиятҳои дарсӣ ва семинарӣ, харитаҳо, дафтарҳои корӣ, маводди озмоишгоҳӣ;

3) барномавӣ: стандарту баномаҳои таълим, роҳнамои омӯзгор, маҷмуи тавсияҳои методӣ ва ғ.

**Арзёбӣ** — тартиби муайян намудани сатҳи донишу маҳорат ва малакаву салоҳиятҳои таълимгиранда дар марҳилаҳои гуногуни таҳсил. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадастомадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Аз ҷумла:

***Арзёбии ибтидоӣ (ташхисӣ)*** — муайян намудани сатҳи донишу маҳорат ва малакаи таълимгиранда дар ибтидои марҳилаи таҳсил.

***Арзёбии ҷорӣ (рушди салоҳиятҳо)*** — муайян намудани сатҳи донишу маҳорат ва малакаи таълимгиранда дар ҷараёни таҳсил. Чунин тарзи арзёбӣ бо баҳогузории маъмулӣ дар ҷараёни дарс ва ташкилу гузаронидани тестҳои мавзуӣ сурат мегирад. Он рушди муназзами салоҳиятҳои хонанда, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи фаъолияти ӯро дар ҷараёни таълим муайян мекунад.

***Арзёбии ниҳоӣ (ҷамъбастӣ)*** — муайян намудани сатҳи донишу маҳорат ва малакаи таълимгиранда дар охири марҳилаи муайяни таҳсил. Ин навъи арзёбӣ барои муайян намудани натиҷаҳои таълим – ташаккули дониш, маҳорату малака ва салоҳиятмандӣ ҳангоми ба анҷом расонидани давраи муайяни таҳсил (чоряк, нимсола, солона) гузаронида мешавад. Он аз рӯйи натиҷаҳои корҳои санҷишии тестӣ, корҳои санҷишии хаттӣ, иншо, нақл, лоиҳа, гузоришҳо ва ғайра анҷом дода мешавад. Баҳои ҷамъбастии он асосӣ дониста мешавад.

**Баҳодиҳӣ** — ҷараён ва тарзи арзёбии мувофиқати дониш, малакаю маҳорат ва салоҳияти таълимгиранда ба талаботи стандарт ва барномаи таълим, ки дар ҳуҷҷатҳои расмӣ дарҷ мегардад. Дар зинаҳои гуногуни таҳсил аз роҳҳои гуногуни баҳогузорӣ истифода мекунанд: рақамӣ, ҳарфӣ, калимагӣ, рамзӣ ва ғайра.

**Барномаи таълим** — ҳуҷҷате, ки мазмуни фанни таълимӣ, мақсаду вазифаҳо, тарзи ташкили раванди таълим, талабот ба сатҳи донишу маҳорат, малака ва салоҳиятҳои таълимгирандаро фаро мегирад.

**Босаводӣ (саводнокӣ)** — яке аз нишонаҳои ақлии шахс. Мувофиқи шарҳи ЮНЕСКО шахсе, ки маҳорати хондан, навиштан ва баён кардани мазмуни ягон матни одиро дорад, босавод аст.

**Дастовардҳои таълимии хонандагон** — натиҷаи ниҳоие, ки хонанда дар раванди таҳсил ба даст меорад.

**Дарси озод (кушод)** — дарсе, ки бо мақсади омӯзиш, таблиғи таҷрибаи пешқадам, татбиқи навгониҳо, навҷӯйиҳо аз ҷониби омӯзгорони ботаҷриба, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва дигар мутахассисони соҳа гузронида мешавад.

**Дидактика** — соҳаи илми педагогика, ки ба омӯхтани асосҳои назариявии таҳсилот, муайян намудани қонуният, принсипҳои таълим, мазмуни таҳсилот, шаклу усули таълим ва назорати раванди таълим машғул аст.

**Завқ** — муносибати хонанда ба ҳодиса ва воқеаҳои зиндагӣ, ба омӯхтани илму дониш ва ғайра.

**Зеҳн** — омили асосии фаъолона воридшавии инсон ба зиндагии иҷтимоӣ, мавқеъ пайдо кардани ӯ ҳамчун мутахассис ва ширкаткунандаи ҷараёни фаъолият ва иртибот.

**Иттиҳодияи методӣ** — яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ барои паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Кори лоиҳавӣ** — машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон, ки берун аз дарс таҳия мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Мақсади таълим** — банақшагирии пешакии ба даст овардани натиҷаҳои мушаххаси фаъолияти таълимӣ, натиҷаҳои интизорӣ.

**Малака** — қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** — фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи омӯзиш ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра анвои маҳорат аст.

**Машқ** — фаъолияти пайдарпай барои ба даст овардани малака, маҳорат ва салоҳият.

**Метод** — усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмуи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда.

**Меъёр** — андоза ва нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Мониторинг** — низом ва тартиби ҷамъоварӣ, коркард, нигаҳдориву интишори иттилоот оид ба низоми таълиму тарбия ё унсурҳои алоҳидаи он, ки имкон медиҳад вазъи объект дар ҳама гуна ҳолат арзёбӣ ва дурнамои он муайян карда шавад.

**Нақшаи таълим** — ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Нишондиҳандаҳо** — маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Принсип** — қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкил ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** — ҷараёни мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо.

**Роҳнамои омӯзгор** — дастури методӣ барои омӯзгор, ки тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти такмили маҳорати омӯзгории шахсӣ ва ташаккули салоҳиятмандии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Савод:** 1) давраи ибтидоии омӯзиши овозу ҳарфҳо (Алифбо); 2) маҳорати кор кардан бо маълумот, аз ҷумла маҳорати иҷрои амалҳои зарурии риёзӣ, дарки иттилоотии мавoдди чопӣ, адабиёти илмӣ, инчунин маҳорату малакаи навиштан, дониш омӯхтан аз матни шифоҳию хаттӣ.

**Салоҳият** — маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд. Қобилияти истифодаи донишу малака ва маҳоратҳои азхудшуда дар амал, дар ҳалли мушкилот ва қабули қарор.

**Салоҳиятмандӣ (босалоҳиятӣ)** — қобилияти инсон барои мустақилона истифода кардани унсурҳои гуногуни дониш, малакаву маҳорат ва шаклҳои фаъолият дар ҳолатҳои муайян (таълимӣ, инфиродӣ, касбӣ).

**Стандарти фан** — санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур муайян гардидааст.

**Стратегия** — роҳу усулҳои ноил гардидан ба мақсад. **Стратегияҳои таълим** – маҷмуи методҳо, роҳу усулҳои муассири ташкили дарс барои ба даст овардани натиҷаҳои таълим.

**Тавсияҳои методӣ** — маҷмуи пешниҳодҳо ва нишондодҳое, ки барои ҳаллу фасли мушкилот бештар мувофиқанд.

**Такмили ихтисос** — низоми омодасозӣ ва бозомӯзии омӯзгорон, кормандони илмӣ ва дигар кормандони соҳаи маориф.

**Тахтаи синф** — лавҳ, пораи сатҳаш ҳамвори чӯбин ё пластикӣ, ки дар рӯйи он менависанд, расм мекашанд ва дигар супоришҳоро иҷро мекунанд.

**Таҳлил** — яке аз усулҳои таълим, ки тавассути он омӯзгору хонандагон маводди омӯзиширо ба қисмҳои асосӣ ҷудо карда, хусусиятҳои ҳар яки онро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд.

**Таълими хонандамеҳвар** — методикаи таълиме, ки дар он шахсияти хонанда, қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии ӯ ҳамчун асос ба назар гирифта шуда, ҷараёни таълим ба рушди шахсияти ҳамаҷонибаи ӯ бо нигоҳ доштани хусусиятҳои фардӣ равона мегардад.

Мафҳумҳои фаннӣ:

**Алифбо** — 1. Маҷмуи ҳарфҳо, ки системаи хатти забонро ташкил мекунад; 2. Номи китоби аввалини дарсӣ, ки таълими овозу ҳарфҳои забон ва саводи ибтидоии хондану навиштан, шунидану гуфтанро дар бар мегирад.

**Аломатҳои китобат** — ишора, қайди махсус дар хат: нуқта, вергул, аломати савол, аломати хитоб, аломати баён, тире, нимтире, сенуқта, қавс, нохунак.

**Афсона** — (ривоят, қисса, достон, нақл, саргузашт, асотир, бофта, хаёлӣ, беасос, бардуруғ) яке аз қадимтарин навъҳои эҷодиёти шифоҳии халқ, ки воқеаю саргузаштҳои бофтаю хаёлӣ ва аҷоибу ғароиб тасвир мешаванд.

**Асарҳои саҳнавӣ** – матнҳое мебошанд, ки ҳамчун намоишнома навишта, барои нақшофарӣ пешбинӣ карда мешаванд.

**Байт** — ду мисраи бо ҳам алоқаманди шеър.

**Гуфтан —** гап задан, суҳбат кардан. Фаъолият, қобилият ва як навъи салоҳияти хонанда, ки ҷанбаҳои гуногуни нутқи шифоҳии ӯро муайян мекунад.

**Гӯш кардан —** сухани касеро бо таваҷҷуҳ ва дарки маъно шунидан. Фаъолият, қобилият ва як навъи салоҳияти хонанда, ки ҷанбаҳои гуногуни маҳорати шунавоии ӯро муайян мекунад

**Жанр** — гурӯҳбандӣ ва таснифи намудҳои осори бадеӣ. Барои хонандагони хурдсол аз жанрҳои адабиёти бадеӣ, асосан, афсона, латифа, ҳикоя, шеър, чистон, тезгӯяк ва ғайра пешниҳод мешаванд.

**Зарбулмасал** — овардани масал барои чизе, масал, мақол. Жанри фолклорӣ. Сухани муъҷази ҳикматноки гуфташуда, ки як фикри томро ифода мекунад.

**Қофия** — калимаҳои ҳамшакл ва ҳамоҳанг, овозҳои алоҳида ва ё маҷмуи овозҳоест, ки асосан дар охири мисраъҳо ва ё байтҳо баъзан дар миёна ва аввали он такрор шуда, онҳоро ба ҳам мувофиқ месозанд.

**Мавзуи асар** — он воқеа ва ҳодисаҳои ҳаётист, ки нависанда дар асараш тасвир менамояд.

**Матн** — ҳар чизе ки дар шакли навишторӣ омадааст. Дар китобҳои дарсӣ матн бештар ба ҳикоя, шеър, қисса ва ғ. истифода мешавад.

**Матнҳои ахборӣ (илмӣ/оммавӣ)** — яке аз навъҳои матн, ки дар бораи табиатшиносӣ, олами ҳайвоноту наботот таърих ва дастовардҳои илму техника, намояндагони аҳли илм маълумот медиҳанд. Дар ин матнҳо мафҳумҳои илмӣ бо забони сода, фаҳмо ва дастрас баён мегардад.

**Мисраъ** — дар адабиётшиносии форсу тоҷик воҳиди хурдтарини назм; нисфи байт. Онро як сатр (як хат, як рахи навишташуда) низ мегӯянд.

**Муболиға** — яке аз воситаҳои тасвири бадеӣ, ки дар тавсиф ё мазаммати чизе ё касе аз будаш зиёд нишон медиҳанд.

**Нақл (бозгӯ) кардан** — матни шунида ё хондаро гуфта додан, баён намудан. Яке аз маҳоратҳои хонандагон, ки дар синфҳои ибтидоӣ ташаккул меёбад. Маъмулан ду навъи нақл карданро фарқ мекунанд: нақли хаттӣ (навиштан бо ҷумлаҳо) ва нақли шифоҳӣ (гуфтан).

**Нутқ** — қобилияти сухан гуфтан, ба забон овардани калом. *Нутқи шифоҳӣ* — қобилияти гуфторӣ; *нутқи хаттӣ* — услуби забони навишторӣ (китобӣ), нутқи айнан нақлшуда — айнан, бе ягон тағйирот ба забон овардани гуфтаи каси дигар, нутқи

мазмунан нақлшуда — мазмуни сухан ва ё навиштаи касеро ба забон овардан (хаттӣ ё шифоҳӣ).

**Тавсиф** — яке аз навъҳои санъати маънавӣ буда, дар адабиёт ва нутқи гуфтугӯӣ барои муайян намудани хусусиятҳои муҳимтарини ин ё он ҳодиса, воқеа ва ё ашё кор фармуда мешавад.

**Ташбеҳ** (монандкунӣ) — яке аз намудҳои санъати маънавӣ буда, дар адабиёт ҳамчун шарти асосии сухани бадеӣ кор фармуда мешавад.

**Симо** — образ, персонажи асар

**Хониш** — хондан, қироат кардан. Қобилият, маҳорат ва салоҳияти хонанда, ки хусусиятҳои хондани ӯро муайян мекунад. Навъҳои гуногуни хониш мавҷуд аст: хониши бурро, хониши мустақилона, хониши умумӣ, хониши дунафара ва ғ.

**Ҳарф** — аломати шартӣ барои ифодаи овози муайян.

**Ҳикоя** — яке аз жанрҳои маъмули адабиёт, ки дар он замон ва макони мушаххас, воқеае аз ҳаёти реалӣ (ё хаёлӣ) бо образҳои гуногун тасвир меёбад.

**Ҳиҷо** — қисми калима, ки тавассути мавҷуд будани садонок онро ҷудо талаффуз кардан мумкин аст: хо-на, ки-тоб, дар-ё.

**Шеър** — сухани манзум, каломе ки вазну қофия, шаклу мазмун, маънои муассир дорад. Шеър яке аз навъҳои адабиёт буда, бо тартибу низоми сухани бадеӣ аз наср фарқ мекунад.

# САНАДҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚИИ ФАННИ ТАЪЛИМӢ

Стандарти фанни забони тоҷикӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2009), ки бо қарори Коллегияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст. Асоси методологии тартиб додани Стандартро маълумотҳои илмии методологияи таълими забони тоҷикӣ ва муқаррароти муносибати босалоҳият ба таълим ташкил додааст.

Стандарти мазкур бо назардошти талаботи санадҳои меъёрии зерин, ки самт ва стратегияи рушди соҳаи маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд, тартиб дода шудааст:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст; 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 дар раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.07.2013, № 1004) бо тағйироту иловаҳо дар солҳои минбаъда.
3. «Стандарти умумии давлатии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2009, № 206);
4. «Консепсияи миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2002, № 200);
5. «Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.03.2007 № 171);
6. «Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, № 526);
7. «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷик» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 268);
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 №1920).

# СОҲАИ ТАТБИҚИ СТАНДАРТИ ФАННӢ

Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4 ба мақсади танзими мазмун, мундариҷа ва ҷараёни таълиму арзёбии фанни мазкур дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ (синфҳои 1–4) таҳия шудааст.

Он бо мақсад ва мазмуну муҳтавои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар сандаҳои бунёдии соҳаи маориф мувофиқат карда, барои мураттаб намудани барномаҳо ва таълифи китобҳои дарсии минбаъда ба муаллифон заминаву имкониятҳои нави эҷодиро фароҳам меорад.

Стандарти мазкур дар соҳаҳои зерин мавриди истифода қарор мегирад:

**1. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМИ ҶТ) ва зерсохторҳои он**

Раёсати таҳсилоти миёнаи умумии ВМИ ҶТ Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4-ро ба мақсадҳои зерин истифода мебарад:

- банақшагирӣ ва мусоидат намудан ба таъмини тадриси фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4 дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла, муассисаҳои таълимии типи нав;
- таҳлилу арзёбии барномаи таълим, китобҳои дарсӣ ва маводи методии фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4.
- назорати раванди таълим, иҷрои барномаи таълим ва ҷамъбасти фаъолияти хонандагон ҳангоми хатми зинаи ибтидоии таҳсил.

**2. Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (АНМИ ПҶТ)**

АНМИ ПҶТ Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4-ро ба мақсадҳои зерин истифода мебарад:

- арзёбии ҷараёни таълими фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- аттестатсияи омӯзгорони фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- таҳияи пурсишу санҷишҳои тестӣ ба мақсади арзёбии фаъолияти омӯзгорон ва дастовардҳои хонандагон;
- назорати ҷараёни татбиқи Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- арзёбии таъмини муассисаҳои таълимӣ бо аёниятҳои таълимӣ.

**3. Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (АТТ) ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф (ПРМ) ба номи А.Ҷомӣ**

АТТ ва ПРМ Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4-ро ба мақсадҳои зерин истифода мебаранд:

- таҳқиқу таҳлил ва таъмини ҷараёни татбиқи стандартҳо бо заминаи назариявӣ;
- таҳияи барномаи таълим, китобҳои дарсӣ ва маводи таълимии фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- таҳлилу таҳқиқи ҷараёни татбиқи Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- тартиб додани рӯйхати мавзуъҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба методикаи таълими «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- таҳлилу арзёбии барномаи таълим, китоби дарсӣ ва маводи методии фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- ташкил намудани мизҳои мудаввар ва мубоҳисаҳои илмӣ дар мавзуи татбиқи Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- роҳандозӣ намудани озмойишҳо барои таҳлил ва такмили методикаи таълими фан ва арзёбии салоҳиятҳои хонандагон.

**4. Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҶТМ)**

МҶТМ Стандарти «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4-ро ба мақсадҳои зерин истифода мебарад:

- таҳияи нақшаи семинар-машваратҳои методии фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- таҳияи нақшаи таълим барои синфҳои ибтидоӣ;
- таъмини ёрии методӣ ба омӯзгорони фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- таҳияи дастуру маводи методӣ барои омӯзгорони фан ва иттиҳодияҳои методии омӯзгорони фанни "Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4-и муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- расонидани ёрии методии бевосита ба мушовирони шуъбаи маориф, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ;
- таҳлилу арзёбии барномаи таълим, китоби дарсӣ, роҳнамои омӯзгор ва маводи методии фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4 дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**5. Донишкадаи ҷумҳурявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф (ДҶТИБКСМ ва филиалҳои минтақавии он**

ДҶТИБКСМ ва филиалҳои минтақавии он Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4-ро ба мақсадҳои зерин истифода мекунанд:

- таҷдиди барномаи таълими курсҳои такмили ихтисос ба мақсади татбиқи самараноки Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- баргузор намудани семинар-машваратҳо дар мавзуи татбиқи Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- банақшагирӣ ва ба роҳ мондани курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисос барои омӯзгорони фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4.

**6. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ**

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ аз Стандарти фанни "Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4 ба мақсадҳои зерин истифода мекунанд:

- таҷдиди барномаҳо ва методикаи таълими «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- дар сатҳи касбӣ омода намудани омӯзгорони фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- таҳқиқу таҳлили заминаҳои назариявӣ ва амалии Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- таҳияи рӯйхати мавзуъҳои корҳои курсӣ, дипломӣ ва аттестатсияи ҷамъбастии назария, амалия ва талаботи стандарти мазкур барои донишҷӯён;
- банақшагирӣ ва назорати таҷрибаи касбии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**7. Раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо**

Раёсат ва шуъбаҳои маориф Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4-ро ба мақсади зерин истифода бурда метавонанд:

- ҷамъоварии маълумот оид ба татбиқи стандартҳо;
- банақшагирӣ ва расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- банақшагирӣ ва баргузор намудани семинар-машваратҳои омӯзгорони фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- таҳияи тестҳо барои баргузор намудани арзёбии беруна ва дохилӣ бо мақсади муайян намудани сатҳи азхудкунии Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4 дар зинаи таҳсилоти миёнаи ибтидоӣ;
- раҳнамоии методии омӯзгорони фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4 дар сатҳи вилоят, шаҳр ва ноҳия;
- аттестатсияи ҷории омӯзгорони фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4.

**8. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумӣ**

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумӣ Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4-ро ба мақсади зерин истифода мебаранд:

- таҳияи нақшаи тақвимии фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4 дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ;
- таҳияи нақшаҳои яксоатаи дарс;
- арзёбии ҷорӣ ва ҷамъбастии салоҳиятҳои хонандагон;
- банақшагирӣ ва баргузор намудани машваратҳои методӣ дар сатҳи муассисаи таълимӣ;

**9. Муаллифони китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълим ва маводди таълимию методӣ**

Муаллифон ва мураттибони китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълим ва маводди таълимию методӣ Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4-ро ба мақсадҳои зерин истифода бурда метавонанд:

- банақшагирӣ ва таҳияи мазмуну мундариҷаи китоби дарсӣ, барномаи таълим ва маводи таълимию методӣ;
- таҳияи меъёрҳо барои арзёбии мувофиқати китоби дарсӣ ва дигар маводи таълимию методӣ ба талаботи Стандарти фанни «Хониши адабӣ» барои синфҳои 1–4;
- ворид намудани тағйироту иловаҳо дар нашрҳои оянда бо назардошти муқаррароти Стандарти фаннӣ.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ФАН

Омӯзиши фанни «Хониши адабӣ» тибқи нақшаи таълим дар синфҳои 1–4 сурат мегирад. Омӯзиши ин фан дар синфи якум аз ду давра иборат аст: алифбо (хондан) ва хониши адабӣ. Тақсимоти соатҳо барои ҳар як синф ба тариқи зайл аст:

| Синф | Миқдори соатҳо дар як ҳафта | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|
| 1 | 5 | 170 |
| 2 | 5 | 175 |
| 3 | 4 | 140 |
| 4 | 4 | 140 |

## МАВҚЕИ ФАН ДАР СОХТОРИ НАҚШАИ ТАЪЛИМ

Барои омӯзиши фанни «Хониши адабӣ» дар нақшаи таълим дар давоми ҳар соли таҳсил дар синфҳои 1–4 625 соат ҷудо карда мешавад. Ин фан яке аз фанҳои калидии низоми таҳсилоти Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки дар баробари забони тоҷикӣ ва  математика ба омӯзиши ин фан соатҳои бештар ҷудо карда шудааст. Хонандагон омӯзиши хонданро аз рӯзҳои аввали по ниҳодан ба муассисаи таълимӣ шуруъ намуда, аввалин малакаҳои хонданро ёд мегиранд. Таълими «Алифбо», ки дар нимсолаи аввали соли таҳсил ба роҳ монда мешавад, нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, ба таълими ин фан таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, хатми онро хотирмон ташкил мекунанд. Таълими бевоситаи хондан аз нимсолаи дуюми соли таҳсили аввал ба роҳ монда мешавад. Ҳадафи асосии таълими хондан дар синфҳои ибтидоӣ, омода сохтани хонандагон ба омӯзиши амиқу ҷиддии адабиёти тоҷик дар синфҳои боло аст.

## МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ОМӮЗИШИ ФАН

**Мақсад ва вазифаҳои таълимӣ.** Таълими фанни «Хониши адабӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ (синфҳои ибтидоӣ) хусусияти амалӣ дошта, ба омӯхтани муназзами овозу ҳарф, малакаҳои гуфтану гӯш кардан, хондану дарк намудани мазмуни матн равона гардидасст.

Дар раванди омӯзиши фанни «Хониши адабӣ» хонандагон фаъолиятҳои гуногуни таълимиро иҷро мекунанд. Фаъолиятҳои таълимии анҷомёфта барои иҷрои мақсад ва вазифаҳои фанни «Хониши адабӣ» мусоидат хоҳанд кард. Дар ҷараёни омӯзиши фанни «Хониши адабӣ» хонандагон бояд фаъолиятҳои таълимии зеринро анҷом диҳанд:

- ташаккули фаъолияти омӯзишии хонандагон;
- шинохтани мавқеи ҳарфҳо дар калимаҳо, донистани хусусиятҳои фарқкунандаи баъзе ҳарфҳо;
- равону бурро ва бехато хондани матн;

– мустақилона бо матн кор кардан;
– рушди нутқи равон;
– ташаккули малакаву маҳорати аввалини кор бо матн;
– рушди ҷаҳонбинӣ ва дарки олами атроф;
– рушди эҳсоси маҳорат ва қаноатмандӣ;
– ташаккули аввалин малакаҳои хулосабарорӣ;
– рушди қобилият ва маҳоратҳои инфиродӣ;
– рушди ҳавасмандӣ ба омӯзиш.
– ташаккули захираи луғавӣ, ки барои фаъолиятҳои гуногун дар мавзуъҳои барномавӣ мусоидат мекунад.

**Вазифаҳои тарбиявии фан.** Вазифаҳои тарбиявии омӯзиши фанни «Хониши адабӣ» дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аҳаммияти хос дошта, ба ташаккули илмӣ, рушди шахсият, фаъолияти иҷтимоӣ мусоидат менамояд, тафаккури миллӣ ва таҳлилии хонандагонро равнақ мебахшад, ба ҷараёни иҷтимоишавии кӯдакону наврасон таъсири мусбат расонида, барои фаъолияти мустақилонаву эҷодии онҳо шароит фароҳам меорад. Имкон медиҳад, ки ҳама гуна фаъолиятҳои нутқи хонандагон: нақл кардан, гӯш кардан ва хондан самаранок сурат бигирад.

Муҳимтарин вазифаҳои тарбиявии омӯзиши фанни “Хониши адабӣ» дар синфҳои ибтидоӣ аз инҳо иборат аст:
– эҳтироми падару модар ва калонсолон;
– маҳорати интихоби тарзи ҳаёти солим;
– тарбияи фарҳанги ҳусни баён, риояи одоби сухан ва суҳбат;
– эҳтироми устодону дӯстон;
– кӯшиши нигоҳ доштани мақом ва эътибори шахсӣ;
– эҳтироми манфиатҳои ҳамсинфон;
– дӯстӣ бо ҳамсолону пайвандон;
– эҳтироми фарҳангу ҷашнҳои миллӣ;
– эҳтироми муқаддасоти Ватан;
– ташаккули эҳсоси худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ;
– тарбияи эҳсоси зебоӣ ва зебоипарастӣ;
– арҷгузорӣ ба забони модарӣ ва тозаву покиза нигоҳ доштани он;
– мусоидат ба хондану фаҳмидани осори адибон.

Ҳамин тариқ, аввалин хислатҳои шахсияти ояндаи миллат — эҳтироми калонсолон, ватандӯстӣ, муносибати эҳтиёткорона ба табиат, тарзи ҳаёти солим, арҷгузорӣ ба забони тоҷикӣ, тараннуми сулҳу оромӣ дар кишвар ва ғайра маҳз дар ҷараёни таълими «Хониши адабӣ» аз ҳама бештару беҳтар ташаккул меёбанд.

# ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАН

Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо шарти зарурии ҷараёни таълим аст. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятмандии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо зарур аст, ки принсипҳои асосии стандарти фаннӣ ба эътибор гирифта шаванд:

- таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар дастрасӣ ба таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла, таҳсилоти ибтидоӣ;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- раванди муттасили таҳсил;
- ҳавасмандгардонии бомаърифатшавии хонанда ва инкишофи истеъдоди ӯ;
- пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.
- таваҷҷуҳ ба қобилияти фардии хонанда, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҷисмонию равонии ӯ.

Таълим самаранок мешавад, агар:

- хонандагон дар бораи адабиёти тоҷик ва малакаҳои асосии таҳлили одитарини асарҳои бадеӣ тасаввурот пайдо кунанд;
- хонандагон ҳадафҳо ва вазифаҳои таълимиро қабул ва онҳоро иҷро кунанд;
- раванди мутолиа ва азхудкунии мундариҷаи асарҳои бадеӣ барои хонандагони хурдсол ҷолиб ва шавқовар бошад;
- таълим ба хонандагон имкон медиҳад, ки маводи нави таълимро аз худ кунанд ва малакаҳои заруриро пайдо кунанд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои натиҷаҳои таълим масъуланд;
- омӯзгор барои фаъол гардонидани тафаккури хонандагон аз усулҳои интерактивии таълим ва усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда истифода барад;

– омӯзгор ба хонандагон имкон диҳад, ки дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои таълимӣ, ташаккули малакаву маҳорат, инкишоф ва таҳкими завқи мутолиаи онҳо ҳамкорӣ намояд;
– нокомӣ дар таълим, инчунин муваффақият як ҷузъи табиии раванди таълим ҳисобида шавад.

## РОБИТАИ БАЙНИФАННӢ

Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои фанни «Хониши адабӣ» дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ алоқамандии ҳамаҷонибаи он ба фанҳои дигари таълимӣ аст. Метавон гуфт, ки тамоми малакаҳои забономӯзӣ ҳисоб кардан, тасвир кардан, суруд хондан, дарки муҳити атроф, омӯзиши забонҳои дигар (русӣ ва хориҷӣ), рушди тафаккур ва ташаккули шахсият дар заминаи ҳамон малакаву маҳоратҳои гӯш кардану гуфтан ва хондану навиштан сурат мегиранд, ки аз ҳадафҳои асосии таълими хондан аст аст.

Дар баробари ин, робитаҳои алоҳидаи мантиқӣ ва ҳадафмандонаи хонишро бо фанҳои дигар муайяну мушаххас кардан мумкин аст:

**1. Хониши адабӣ – забони тоҷикӣ:** дар раванди омӯзиши матнҳо дар дарси хониши бадеӣ хонандагон малакаҳои лексикӣ, имлоӣ ва муомилаи иҷтимоироо ташаккул ва такмил медиҳанд, хонандагон воситаҳои забон ифодаи нутқро бо забони тоҷикӣ аз худ мекунанд.

**2. Хониши адабӣ – математика.** Хеле муҳим аст, ки дар матнҳои китоби дарсии хониши бадеӣ рақаму ададҳо (солҳо, ченакҳои вақт, вазн, дарозӣ, фоиз ва ғайра) ҳамон тавре ифода ёбанд, ки қобили дарки хонандагон дар заминаи донишҳои математикии онҳо бошад. Ҳамчун робитаи мутақобила навиштани рақаму ададҳоро бо ҳарфҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар зинаи ибтидоии таҳсил ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст. Истифодаи амалҳои математикӣ дар бозиҳои гуногуни дидактикӣ низ аз намунаи робитаҳои байнифаннӣ маҳсуб мешавад. Умуман, математика ва хониш аз нуқтаи назари бо рамзҳо ифода кардани фикр хеле наздиканд. Ин наздикии онҳо дар таълифи китобҳои дарсӣ ва ҷараёни таълим бояд ба назар гирифта шавад.

**3. Хониши адабӣ – омӯзиши забонҳои дигар (русӣ ва хориҷӣ).** Робитаи байнифаннии хониш бо забонҳои дигари омӯзишӣ, ки аз синфи дуюм оғоз меёбанд, хеле муҳим аст. Таълими хониши бадеӣ омӯзиши асарҳои бадеии халқҳои ҷаҳонро низ дарбар мегирад. Мутобиқат дар мавзуъ ва ҳаҷми матнҳои пешниҳодшуда низ аз талаботи муҳимми стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар зинаи ибтидоии он маҳсуб мешавад.

**4. Хониши адабӣ – табиатшиносӣ.** Дар фанни хониш дар қатори асарҳои бадеӣ матнҳое низ омӯзонида мешаванд, ки ба тасвири табиат ва ҳодисаҳои он, кишвар ва манзараҳои он, олами набототу ҳайвонот, дарки муҳити атроф бахшида шудаанд. Ин мавзуъҳо дар фанни табиатшиносӣ низ мавқеи хос доранд. Ҳамоҳангсозии барномаҳои таълим ва тартиби мавзуъҳои омӯзишӣ дар ин ду фан ба тақвияти дониши хонандагон, пурраву комил намудани омӯзиши як мавзуъ ба воситаи таълими фанни дигар ва татбиқи донишҳо дар таҷрибаи амалӣ мусоидат мекунад.

**5. Хониши адабӣ – санъати тасвирӣ ва меҳнат.** Маҳоратҳое, ки дар ҷараёни таълими фанни санъати тасвирӣ ва меҳнат ба даст меоянд, танҳо бо сохтану эҷод кардан маҳдуд намегарданд. Тавсифи чизи тасвиршуда ва ё сохташуда, амали анҷомёфта, тасвири ҳолатҳои гуногуни равонии шахс ва ё ҳайвонот ба шакли сурат (расм) ва матн (шифоҳӣ ва хаттӣ) аз муҳимтарин ҷанбаҳои робитаи ин ду фан ба шумор меравад.

**6. Хониши адабӣ – суруд ва мусиқӣ.** Ҳам дар таълими фанни хониш ва ҳам дар таълими фанни суруд ва мусиқӣ тақвияти хотири хонанда нақши муҳим мебозад. Хониши буррои шеър бо риояи оҳангу мавзунии мисраъҳо ва азёд кардани порчаҳои шеърӣ аз муҳимтарин қобилияту истеъдодҳои хонандагон мебошад, ки барои такмили маҳоратҳои овозхонӣ, мусиқишиносӣ ва навозандагии хонандагон мусоидат мекунад.

**7. Хониши адабӣ – тарбияи ҷисмонӣ.** Дар назари аввал пайдо кардани робитаи байнифаннии хониш ва тарбияи ҷисмонӣ шояд имконнопазир бошад. Аммо дар асл чунин нест. Тарғиби тарзи ҳаёти солим, ки аз муҳимтарин мавзуъҳои таълимии хониш аст, дар ҷараёни дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ амалан намоиш дода мешаванд. Дар баробари ин, хонандагон бо истилоҳоти соҳавӣ (варзиш) шинос гардида, захираи луғавии худро ғанӣ месозанд.

Ҳамин тариқ, фанни хониши адабӣ, ҳамчун фанни калидӣ бо ҳамаи фанҳои дигари таълимӣ дар зинаи ибтидоии таҳсилот робитаи қавӣ дорад ва ин робита бояд дар таҳияи стандартҳои фаннии ҳар як фан ва таҳияи китобҳои дарсӣ ба назар гирифта шавад.

## МУНОСИБАТИ ТАФРИҚАВӢ БА ТАЪЛИМ

Дар низоми маорифи муосир татбиқи муносибати босалоҳият ва таҳсилоти фарогир нақши муҳим мебозад. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми раванди таълим таъмини баробарҳуқуқии духтарону писарон дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият аст. Баробарии гендерӣ якчанд масъаларо дар бар мегирад. Аз ҷумла, дастрасии пурраи кӯдакони синнусоли хурди мактабӣ ба таҳсил, ки ҷанбаи ҳуқуқӣ дорад, аз ҷониби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» кафолат дода шудааст. Дар баробари ин баъзе масъалаҳои дигари таъмини баробари гендерӣ бевосита ба муқарраротистандарту барномаҳои таълим вобаста аст. Яке аз онҳо — баробарии тасвир ва тавсифи писарону духтарон ба сифати персонажҳо ва қаҳрамонони матнҳои китоби дарсӣ аст. Гузашта аз ин, духтарон дар баробари писарон бояд мақоми шоиста дошта бошанд. Масалан, имрӯз тасвир кардани духтараки ҷорӯббадаст ва писараки ронандаи мошин дигар қобили қабул нест. Аз ин рӯ, дар китоби дарсӣ набояд ба инъикоси падидаҳое, ки баробарии гендериро халалдор месозанд, роҳ дода шавад.

Масъалаи бисёр муҳимми дигар таъмини таҳсилоти фарогир аст. Таҳсилоти фарогир дастрасии комили ҳамаи кӯдаконро ба таҳсил, новобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, ҷисмонию руҳӣ ва мансубият ба миллат, нажод, забон, дин ва фарҳанг дар назар дорад. Дар дурнамои рушди низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби боз ҳам бештари кӯдакони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла, кӯдаконе, ки дорои талаботи махсуси таҳсилотӣ мебошанд, ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таҳсили ин

гурӯҳи хонандагон шароити мусоид фароҳам оварда шуда, барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълим бо назардошти хусусиятҳои инфиродии онҳо таҳия ва истифода гарданд. Кӯдакони имконияташон маҳдуд дар китобҳои дарсӣ (матнҳо) на дар ҳолати маҳзуниву эҳтиёҷманди ёрӣ ва хайрхоҳӣ, балки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа тасвир ва тавсиф ёбанд. Ҳамзамон, фароҳам овардани муносибати хайрхоҳона ва ҳамдигарфаҳмӣ, дастгирии мутақобила ва эҳтироми дӯстӣ аз муҳимтарин хусусиятҳои низоми таҳсилоти муосир аст.

Ҳамин тариқ, моҳияти асосии таҳсилоти муосир ҷорӣ намудани муносибати тафриқавӣ ба таълим (бо назардошти хусусиятҳои инфиродии хонандагон) ва пешниҳоди хизматрасониии таҳсилотӣ дар ҳамон ҳаҷмест, ки ба ин хусусиятҳои инфиродӣ мувофиқат мекунад.

# II. САЛОҲИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ

## САЛОҲИЯТҲОИ УМУМӢ (КАЛИДӢ)

Рушди босуръати илму техника ва технология дар шароити муосир аз шахс талаб мекунад, ки фаъолияти маърифатӣ, иҷтимоӣ ва касбиашро ба талаботи давру замон мутобиқ созад. Барои ноил шудан ба натиҷаҳои интизорӣ дар таълим ва муваффақ шудан ба ҳадафҳо дар замони муосир, фақат интиқоли донишҳо ба хонандагон имконият намедиҳад, аз ин лиҳоз таълим бояд салоҳиятҳоеро дар хонанда ташаккул диҳад, ки ӯ мустақилона тартиби фаъолият, ҷамъоварии маълумоти зарурӣ барои ҳалли масъалаҳо, муқоиса ва таҳлили ақида ва ахбор, арзёбии раванди иҷрои фаъолият, муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо, ба роҳ мондани муошироти созанда бо иштирокчиёни дигари равандҳоро ба нақша гирад ва татбиқ карда тавонад. Вобаста ба талаботи раванди дарси муосир, дар баробари рушди салоҳиятҳои фаннӣ, ташаккули салоҳиятҳои умумӣ низ рушд дода шуда, ҷузъи муҳимми дарс ба шумор меравад.

Стандартҳои давлатии таҳсилот ва фанҳои мактабӣ, ҳамчунин барномаҳои таълим бо назардошти эҳтиёҷоти ҷомеаи муосир ва раванди ҷаҳонишавии таҳсилот таҷдиди назар гардида, гузаришро аз методҳои ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоии таълим, ки ба дониш нигаронида шудааст, ба методҳои ташаккули салоҳиятҳо ба эътибор мегирад. Тамоми тағйироти бавуҷудомада ҳамчун натиҷаи афзалиятнок эътироф гардидани соҳаи маориф дар сиёсати дохилии кишвар ва таъкиди аҳаммияти он дар пешрафти иқтисод ва таъмини некуаҳволии мардум арзёбӣ гардида, рӯ овардани таҳсилот ба рушди салоҳиятҳои хонандагон ба тамоюли ҷаҳонӣ табдил гардидааст. Вобаста ба ин, муҳити таълим ва раванди омӯзиш низ тағйир ёфта, дар тамоми ҷаҳон шакл гирифтани салоҳиятҳо вобаста ба хусусиятҳо ва ҳадафҳои ҳар кишвару давлат ба назар мерасад.

Мафҳуми **салоҳиятҳои умумӣ (асосӣ, калидӣ)-и хонанда** як раванди навро дар низоми таҳсилот ифода намуда, мақсадҳои умумии таълим, таҳсилот ва фаъолиятҳои омӯзишро дар тули ҳаёт шарҳ медиҳад ва роҳнамоии умумиро барои расидан ба мақсадҳои таълиму тарбия фароҳам меорад. Салоҳиятҳои умумӣ гурӯҳҳои гуногун ва таснифоти хеле зиёдеро дар бар мегиранд, ки муҳимтарини онҳо чунинанд:

***Салоҳияти омӯхтан ва худомӯзӣ*** — имконият ва омода намудани мақсадҳо барои худомӯзӣ, банақшагирии қадамҳои омӯзишӣ, мустақилона ё якҷоя гирифтани маълумот барои омӯзиш, қобилияти истифода бурдани донишу малакаҳои ба даст овардашуда барои ҳалли проблемаҳо, инчунин инъикос ва худтанзимкунӣ аз натиҷаи омӯзиши худ;

***Салоҳияти тафаккури таҳлилӣ ва ҳалли масъалаҳо*** — ҷараёни фаъоли таҳлили ақидаҳои гуногун ва муқоисаи онҳо, таркибу тафсири ахбор ва баровардани хулосаи дуруст. Ин фаъолияти зеҳнист, ки тавассути таҳлил, таркиб, муқоиса, истифода, ҳалли масъала (мушкилот, проблема)-ҳо ва арзёбии ҷараёни фикр ба роҳ монда мешавад;

**Эзоҳ:** дар аксар маводди методӣ оид ба муносибати босалоҳият ба таълим ва стандартҳои фаннӣ аз истилоҳи «тафаккури интиқодӣ» истифода мекунанд, ки дуруст нест.

***Салоҳияти эҷодкорӣ ва навоварӣ*** — маҳорати таҳияи ягон чизи нав, мустақилона пайдо кардани роҳҳои ғайримаъмулии ҳалли масъалаҳои нав, тахайюлӣ ва образнокии

фикррон̄и, ҳамгиро кардани усулҳои маъмули фаъолият бо фаъолиятҳои нав, ҳалли комилан нави вазъияти проблемав̄и, ки ба ғояҳои нав ва кашфиёт боис мешаванд;

***Салоҳияти иртибот̄и (коммуникатив̄и)*** — маҳорати истифодаи усулҳои гуногуни муошират (иртибот, коммуникатсия): қабул ва интиқоли иттилоъ (шифоҳ̄и, хатт̄и, аён̄и-график̄и, ғайризабон̄и, бо истифодаи алоқаҳои рақам̄и) ҳангоми муоширати хусус̄и, таълим̄и, ҷамъият̄и ва касб̄и;

***Салоҳияти ҳамкор̄и*** — маҳорат ва малакаи якҷоя кор кардан ба сифати узви гурӯҳ ё даста барои ҳалли якҷояи мушкилот, татбиқи ғояҳои умум̄и, лоиҳаҳо.

## САЛОҲИЯТҲОИ ФАНН̄И

Мақсади таҳияи салоҳиятҳои фанн̄и банақшагирии пешакии натиҷаҳои таълими фан, натиҷаҳои интизории фаъолият аз фанҳои таълим̄и аст.

Татбиқи муносибати босалоҳият (такя ба салоҳиятҳои фанн̄и, умум̄и, тарбияв̄и-ахлоқ̄и), пеш аз ҳама, муайян намудани мақсад дар шакли натиҷаҳои интизории таълим буда, интихоби мазмун ва методика (технология)-и таълими мувофиқ ба мазмуни таълим̄и мебошад. Натиҷаи таълим маҷмуи дониш, малака, маҳорат, ақида, ҷаҳонбин̄и ва арзишҳои маънавиест, ки таълимгирандагон дар давоми таҳсил дар муассисаҳои таълим̄и соҳиб мегарданд.

Яке аз роҳҳои асосии ташаккули салоҳиятҳо, аз ҷумла, бедор кардани ҳавасманд̄и ва ҳисси масъулиятшиносии ҷиддии хонандагон дар истифодаи дониш, малака ва маҳорати пайдошуда дар ҳаллу омӯзиши силсилаи масъалаҳо ва маводди амалию назарияв̄и мебошад.

## САЛОҲИЯТҲОИ ТАРБИЯВ̄И-АХЛОҚ̄И

Масъалаи салоҳиятҳои тарбияв̄и-ахлоқ̄и яке аз масъалаҳои муҳим дар низоми маорифи муосири Тоҷикистон аст. Дар шароити кунун̄и, ки ҷараёнҳои ҷаҳонишав̄и, ҳамгиройи дар соҳаи маориф ҳамзамон бо рӯйдодҳои номатлуби сатҳи ҷаҳон̄и, аз ҷумла, рушди терроризми байналмилал̄и, гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифрот̄и ва ғайра, масъалаи амнияти милл̄и, ҳифзи истиқлоли давлат̄и ва арҷ гузоштан ба арзишҳои милл̄и аз муҳимтарин масъалаҳои тарбияи насли наврас ба ҳисоб меравад. Ташаккули шахсият маҳз дар ҷараёни таълиму тарбия ба роҳ монда мешавад. Хеле муҳим аст, ки аз ҳамон рӯзҳои аввали ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакон, вобаста ба хусусиятҳои синнусол̄и, методу равишҳои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи баланди ватандӯст̄и, ваҳдати милл̄и, эҳтиром ба дастовардҳои даврони истиқлол ва ташаккули одобу ахлоқи ҳамида дуруст таҳия ва татбиқ гарданд.

Тайи солҳои охир, дар доираи татбиқи лоиҳаҳои гуногун оид ба муносибати босалоҳият ба таълим, доираи салоҳиятҳои умум̄и, моҳияти онҳо бо нишондиҳандаҳо ва ченакҳояшон таҳия гардида, дастраси омӯзгорон гардидааст. Ҳамчунин, дар ҳамин

давра вобаста ба ҳар як фанни мактабӣ салоҳиятҳои фаннӣ низ барои ҳар як синф ва синну сол таҳия гардидаанд.

Вале то имрӯз масъалаи салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ, интихоби матни муносиб барои китоби дарсӣ, тарзу усулҳои инъикоси он дар раванди таълим пурра ҳалли худро наёфтааст. Аз ин рӯ, дар стандарту барномаи таълими фанни забони тоҷикӣ барои синфҳои ибтидоӣ ба ин масъала аҳаммияти хосса дода мешавад.

Ба гурӯҳи салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ чунин салоҳиятҳоро дохил кардан мумкин аст:

**Худшиносӣ ва худидоракунӣ.** Ташаккули салоҳиятҳои худшиносӣ ва идораи гуфтору рафтори худ, тақвияти ирода ва боварӣ ба худ, мақсадгузорӣ ва саъйу талош барои ба даст овардани он.

**Эҳтиром ва қадршиносии шахс.** Дарки монандӣ ва тафовутҳои байни одамон, муносибати дӯстона бо дигарон, эҳтироми фикру андешаҳои дигарон.

**Ҳалли душворӣ.** Дарки сабабҳои ҳамдигарнофаҳмӣ дар муносибат бо ҳамсолон ва атрофиён, дуруст баҳо додан ба вазъият ва қабули қарор барои ҳалли мушкилӣ.

**Масъулият.** Дарки мавқеъ ва нақши худ дар ҳаёти ҷомеа, бо дарки масъулият анҷом додани супоришҳо, дарки ҷавобгарӣ ба амалҳои худ.

**Саҳмгузорӣ дар рушди ҳаёти иҷтимоӣ.** Дарки дурусти муҳити атроф ва сарватҳои он, муносибати дуруст ба ашё ва таҷҳизоти мактабӣ, тозаву озода нигоҳ доштани онҳо, саҳмгузорӣ дар ободонӣ.

**Ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ.** Дарки мафҳуми «Ватан», муқаддасоти миллӣ, нақши Сарвари давлат дар истикрори сулҳу оромӣ дар кишвар ва пешрафти босуботи он, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва ҳифзи он.

***Эзоҳ:*** Ҷадвали салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ бо нишондиҳандаҳояшон дар охири ин санад оварда шудаанд.

# ҶАДВАЛИ САЛОҲИЯТҲОИ УМУМӢ (КАЛИДӢ)
# (САЛОҲИЯТҲО/НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ БА ОХИРИ СОЛИ ТАҲСИЛ МУВОФИҚАНД)

| | **Хонандаи синфи якум:** | **Хонандаи синфи дуюм:** | **Хонандаи синфи сеюм:** | **Хонандаи синфи чорум:** |
|---|---|---|---|---|
| МАЪРИФАТӢ (МАҲОРАТИ ОМӮХТАН) | 1. Роҳу тарзҳои гуногуни омӯхтанро истифода карда метавонад | | | |
| | – Ҷузъҳои китоб (муқова, унвон, муаллиф (он), мундариҷа)-ро нишон дода метавонад.<br>– Тарзи хондани китоб (аз чап ба рост, аз боло ба поён, аз сатр ба сатр гузаштан)-ро нишон дода метавонад. | – Тарзи хондани воситаҳои графикӣ (расму сурат, нақша, ҷадвалҳо)-и сода ва алоқаи онҳоро бо матн нишон дода метавонад. | Тарзи хондани воситаҳои графикӣ (расму сурат, нақша, ҷадвалҳо) ва алоқаи онҳоро бо матн нишон дода метавонад. | Тарзи хондани воситаҳои графикӣ (расму сурат, нақша, ҷадвалҳо) ва алоқаи онҳоро бо матн нишон дода метавонад. |
| | – Шарти вазифа (супориш)-и ба талаботи синф мувофиқро хонда (гӯш карда), тартиби иҷрои онро фаҳмонда метавонад. | – Шарти вазифа (супориш)-и ба талаботи синфи дуюм мувофиқро хонда (гӯш карда), тартиби иҷрои онро фаҳмонда метавонад. | – Шарти вазифа (супориш)-и ба талаботи синфи сеюм мувофиқро хонда (гӯш карда), тартиби иҷрои онро фаҳмонда метавонад. | – Шарти вазифа (супориш)-и ба талаботи синфи чорум мувофиқро хонда (гӯш карда), тартиби иҷрои онро фаҳмонда метавонад. |
| | – Матнҳои ба талаботи синфи якум мувофиқро бо тарзҳои гуногун (овозӣ, дунафарӣ, якҷоя, аз рӯйи нақшҳо) мехонад. | – Матнҳои ба талаботи синфи дуюм мувофиқро бо тарзҳои гуногун (овозӣ, хомӯшона, дунафарӣ, якҷоя, аз рӯйи нақшҳо) мехонад. | – Тарзҳои хондан (овозӣ, хомӯшона, дунафарӣ, аз рӯйи нақшҳо)-ро истифода карда, матнҳои ба талаботи синфи сеюм мувофиқро мехонад. | – Тарзҳои хондан (овозӣ, хомӯшона, дунафарӣ, аз рӯйи нақшҳо)-ро истифода карда, матнҳои ба талаботи синфи чорум мувофиқро мехонад. |
| | – Маънои калимаҳои ба талаботи синфи якум мувофиқро бо роҳҳои гуногун (аз рӯйи мазмуни ҷумла, шарҳи зери матн) муайян карда метавонад. | – Маънои калимаҳои ба талаботи синфи дуюм мувофиқро бо роҳҳои гуногун (аз рӯйи мазмуни ҷумла, пас аз тире ва шарҳи дохили қавс) муайян карда метавонад. | – Маънои калимаҳои ба талаботи синфи сеюм мувофиқро бо роҳҳои гуногун (аз рӯйи мазмуни ҷумлаҳои пешина, минбаъда, пас аз тире ва шарҳи дохили қавс) муайян карда метавонад. | – Маънои калимаҳои ба талаботи синфи чорум мувофиқро бо роҳҳои гуногун (аз рӯйи мазмуни ҷумлаҳои пешина, минбаъда, пас аз тире, шарҳи дохили қавс ва фарҳангҳои мактабӣ) муайян карда метавонад. |
| | – Мазмуни матни ба талаботи синфи якум мувофиқро тавассути пешгӯйӣ, нақл ва саволу ҷавоб гуфта метавонад. | – Мазмуни матни ба талаботи синфи дуюм мувофиқро тавассути пешгӯйӣ, нақл, саволу ҷавоб ва барқарор кардани қисмҳои пароканда гуфта метавонад. | – Мазмуни матни ба талаботи синфи сеюм мувофиқро тавассути пешгӯйӣ, нақл, саволу ҷавоб ва барқарор кардани қисмҳои пароканда гуфта метавонад. | – Мазмуни матни ба талаботи синфи чорум мувофиқро тавассути пешгӯйӣ, нақл, саволу ҷавоб ва қисмҳои пароканда гуфта метавонад. |

| | Хонандаи синфи якум: | Хонандаи синфи дуюм: | Хонандаи синфи сеюм: | Хонандаи синфи чорум: |
|---|---|---|---|---|
| МАЪРИФАТӢ (МАҲОРАТИ ОМӮХТАН) | | | – Мазмуни матни ба талаботи синфи сеюм мувофиқро тавассути муайян кардани ахбори муҳим ва дуюмдарача нақл карда метавонад. | – Мазмуни матни ба талаботи синфи сеюм мувофиқро тавассути муайян кардани ахбори муҳим ва дуюмдарача нақл карда метавонад. |
| | – Ҳангоми хондан ғалатҳои худро пай бурда, ислоҳ карда мехонад. | – Ҳангоми хондан ғалатҳои худ ва ҳамсинфонро аниқ карда, ислоҳ карда метавонад. | – Барои дарки мазмуни қисмҳои нофаҳмои матнро такроран мехонад ва шарҳи луғатро муайян мекунад. | – Қисмҳои нофаҳмои матни хондаро тавассути хониши такрорӣ, шарҳи луғат ё истифодаи маълумоти иловагӣ муайян мекунад. |
| | – Барои аниқ кардан ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои гуногун медиҳад. | – Барои аниқ кардан ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои гуногун медиҳад. | – Барои аниқ кардан ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои гуногун медиҳад. | – Барои аниқ кардан ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои гуногун медиҳад. |
| | – Мулоҳизаҳои худро дар бораи матни ба синф мувофиқ хондааш бо овардани далелҳо баён карда метавонад. | – Мулоҳизаҳои худро дар бораи матни ба синф мувофиқ хондааш бо овардани далелҳо баён карда метавонад. | – Мулоҳизаҳои худро дар бораи матни ба синф мувофиқ хондааш бо овардани далелҳо баён карда метавонад. | – Мулоҳизаҳои худро (метавонад чанд нуқтаи назар дуруст бошад) дар бораи матни ба синф мувофиқ бо овардани далелҳо баён карда метавонад. |
| | – Аз рӯйи меъёрҳо фаъолияти таълимӣ (тарзи хондан, саволу ҷавоб, нақл кардан ва ғ.)-и ҳамсинфонро арзёбӣ карда метавонад. | – Аз рӯйи меъёрҳо фаъолияти таълимӣ (тарзи хондан, саволу ҷавоб, нақл кардан ва ғ.)-и худ ва ҳамсинфонро арзёбӣ карда метавонад. | – Аз рӯйи меъёрҳо фаъолияти таълимӣ (тарзи хондан, саволу ҷавоб, нақл кардан ва ғ.)-и худ ва ҳамсинфонро арзёбӣ карда метавонад. | – Аз рӯйи меъёрҳо фаъолияти таълимӣ (тарзи хондан, саволу ҷавоб, нақл кардан ва ғ.)-и худ ва ҳамсинфонро арзёбӣ карда метавонад. |
| 2.ТАФАККУРИ ТАҲЛИЛӢ, ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ВА | Ду объектро аз рӯйи хусусиятҳо муқоиса карда метавонад. | | | |
| | – Матн (тезгӯяк, чистон, афсона, ...)-ҳои ба талаботи синфи якум мувофиқро муқоиса карда метавонад. | – Матн (ҳикоя, афсона, ...)-ҳои ба талаботи синфи дуюм мувофиқро муқоиса карда метавонад. | – Матн (афсонаҳои халқӣ ва муаллифӣ, ҳикоя, ....)-ҳои ба талаботи синфи сеюм мувофиқро муқоиса карда метавонад. | – Матн (афсонаҳои тамсилӣ, ҳикоя, ...)-ҳои ба талаботи синфи чорум мувофиқро муқоиса карда метавонад. |
| | – Гуфтору рафтори ду симои матни ба талаботи синфи якум мувофиқро муқоиса карда метавонад. | – Гуфтору рафтори ду симои матни ба талаботи синфи дуюм мувофиқро муқоиса карда метавонад. | – Гуфтору рафтори симоҳои матнҳои ба талаботи синфи сеюм мувофиқро муқоиса карда метавонад. | – Гуфтору рафтори симоҳои матнҳои ба талаботи синфи чорум мувофиқро карда метавонад. |

| | **Хонандаи синфи якум:** | **Хонандаи синфи дуюм:** | **Хонандаи синфи сеюм:** | **Хонандаи синфи чорум:** |
|---|---|---|---|---|
| 2.ТАФАККУРИ ТАҲЛИЛӢ, ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ВА ХУЛОСАБАРОРӢ | – Гуфтору рафтори симоҳои матни содаи кутоҳро бо гуфтору рафтору худ муқоиса карда метавонад (масалан, мехоҳам мисли Шодӣ ростгӯ бошам. намехоҳам, мисли Ҳодӣ хабаркашӣ кунам). | – Гуфтору рафтори симоҳои матни хонда (шунида)-ро бо гуфтору рафтору худ муқоиса карда метавонад (масалан, мехоҳам мисли Аниса зирак бошам. Намехоҳам, мисли Сабоҳат ғайбат кунам). | – Гуфтору рафтори симоҳои матни хонда (шунида)-ро бо гуфтору рафтору худ муқоиса карда метавонад. | – Гуфтору рафтори симоҳои матни хонда (шунида)-ро бо гуфтору рафтору худ муқоиса карда метавонад. |
| | Объектҳоро аз рӯйи хусусиятҳои ба ҳам монанд гурӯҳбандӣ карда метавонад. | | | |
| | – Матнҳои адабиёти бачагонаи синфи якумро гурӯҳбандӣ карда метавонад. | – Матнҳои адабиёти бачагонаи синфи дуюмро гурӯҳбандӣ карда метавонад. | – Матнҳои адабиёти бачагонаи синфи сеюмро гурӯҳбандӣ карда метавонад. | – Матнҳои адабиёти бачагонаи синфи чорумро гурӯҳбандӣ карда метавонад. |
| | – Матнҳоро аз рӯйи мавзуъ ва фикри асосӣ гурӯҳбандӣ карда метавонад. | – Матнҳоро аз рӯйи мавзуъ ва фикри асосӣ гурӯҳбандӣ карда метавонад. | – Матнҳоро аз рӯйи мавзуъ ва фикри асосӣ гурӯҳбандӣ карда метавонад. | – Матнҳоро аз рӯйи мавзуъ ва фикри асосӣ гурӯҳбандӣ карда метавонад. |
| | Андешаҳои худро асоснок карда метавонад. | | | |
| | – Барои исботи андешаҳои худ аз мазмуни матн далел оварда метавонад. | – Барои исботи андешаҳои худ аз мазмуни матн далел оварда метавонад. | – Барои исботи андешаҳои худ аз мазмуни матн далел оварда метавонад. | – Барои исботи андешаҳои худ аз мазмуни матн далел оварда метавонад. |
| | – Алоқаи сабабу натиҷаро дар матни содаи хурдро тавассути саволи «Барои чӣ?» муайян карда метавонад. | – Алоқаи сабабу натиҷаро дар матни хурд тавассути саволҳо «Барои чӣ?» ва «Чӣ тавр?» муайян карда метавонад. | – Алоқаи сабабу натиҷаҳои воқеаҳои матнҳои синфи сеюмро ба воситаҳои саволҳо ва нақшаҳо (масалан, «Харитаи хирад») нишон дода метавонад. | – Алоқаи сабабу натиҷаҳои воқеаҳои матнҳои синфи чорумро ба воситаҳои графикӣ (масалан, «Хӯша», «Харитаи хирад») ва саволҳо нишон дода метавонад. |
| | – Як роҳи ҳалли мушкилотро вобаста ба мазмуни матн пешниҳод карда метавонад. | Як-ду роҳи ҳалли мушкилотро вобаста ба мазмуни матн пешниҳод карда метавонад. | – Ду-се роҳи ҳалли мушкилотро вобаста ба мазмуни матн пешниҳод карда метавонад. | – Чанд роҳи ҳалли мушкилотро вобаста ба мазмуни матн пешниҳод карда метавонад. |
| | – Хулосаи асосии матни хонда (шунида)-и ба талаботи синфи якум мувофиқро тавассути алоқаманд кардани мазмуни матн бо олами атроф, ҳаёти ҳаррӯза ва донишу таҷрибаи шахсӣ муайян карда метавонад. | – Мавзуъ, мазмун ва фикри асосии матни хонда (шунида)-и ба талаботи синфи дуюм мувофиқро тавассути алоқаманд кардани мазмуни матн бо олами атроф, ҳаёти ҳаррӯза ва донишу таҷриба муайян карда метавонад. | – Мавзуъ ва фикри асосии матни хонда (шунида)-и ба талаботи синфи сеюм мувофиқро тавассути алоқаманд кардани мазмуни матн бо олами атроф, ҳаёти ҳаррӯза ва донишу таҷрибаи шахсӣ муайян карда метавонад. | – Мавзуъ ва фикри асосии матни хонда (шунида)-и ба талаботи синфи чорум мувофиқро тавассути алоқаманд кардани мазмуни матн бо олами атроф, ҳаёти ҳаррӯза ва донишу таҷрибаи шахсӣ муайян карда метавонад. |

| | Хонандаи синфи якум: | Хонандаи синфи дуюм: | Хонандаи синфи сеюм: | Хонандаи синфи чорум: |
|---|---|---|---|---|
| 3. ЭҶОДКОРӢ ВА НАВОВАРӢ | Аз ҷузъҳои таркибӣ чизи бутун сохта метавонад. | | | |
| | – Донишҳои дар фанни дигар андӯхтаашро бо донишҳои фанни хониш алоқаманд карда метавонад. | – Донишу малакаҳои фанҳои дигарро бо донишу малакаҳои хондан алоқаманд карда метавонад.<br>– Аз рӯйи силсиларасмҳо ва хусусиятҳо ба таври шифоҳӣ ҳикоя ва афсонаи содаи кутоҳ эҷод карда метавонад. | – Донишу малакаҳои фанҳои дигарро барои рушди малакаҳои хониш истифода карда метавонад.<br>– Аз рӯйи силсиларасмҳо ва хусусиятҳо ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ афсона, ҳикоя ва матни ахбории хурд эҷод карда метавонад. | – Донишу малакаҳои фанҳои дигарро барои рушди малакаҳои хониш истифода карда метавонад.<br>– Аз рӯйи силсиларасмҳо ва хусусиятҳо ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ афсона, ҳикоя ва матни ахбории хурди тахайюлӣ эҷод карда метавонад. |
| 4. КОММУНИКАТИВӢ | Усулҳои гуногуни муошират(иртибот ва коммуникатсия)-ро ҳангоми муошırати хусусӣ ва таълимӣ истифода мебарад. | | | |
| | – Ҳамсуҳбат (он)-ро бодиққат гӯш мекунад.<br>– Қоидаҳои фаъолона гӯш карданро бо имову ишора (тасдиқ, инкор, ба чашмон нигоҳ кардан, сар ҷунбондан ва ба садоҳои атроф диққат надодан)-ро нишон дода метавонад.<br>– Одоби муошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда метавонад.<br>– Ба забони адабии тоҷикӣ, бо боварӣ, орому ботамкин, возеҳу равшан сухан гуфта метавонад.<br>– Суръат, пастию баландии овоз ва оҳанги гуфторро ба навъи муошират мувофиқ мекунад.<br>– Табъ (хурсандию ғамгинӣ)-и ҳамсуҳбатро муайян карда, вобаста ба он оҳанг ва имову ишораи мувофиқи гуфторро интихоб карда метавонад. | – Ҳамсуҳбат (он)-ро бодиққат гӯш мекунад.<br>– Қоидаҳои фаъолона гӯш карданро бо имову ишора (тасдиқ, инкор, ба чашмон нигоҳ кардан, сар ҷунбондан ва ба садоҳои атроф диққат надодан)-ро нишон дода метавонад.<br>– Одоби муошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда метавонад.<br>– Ба забони адабии тоҷикӣ, бо боварӣ, орому ботамкин, возеҳу равшан сухан гуфта метавонад.<br>– Суръат, пастию баландии овоз ва оҳанги гуфторро ба навъи муошират мувофиқ мекунад.<br>– Табъ (хурсандию ғамгинӣ, тарс, ҳайрат)-и ҳамсуҳбатро муайян карда, вобаста ба он оҳанг ва имову ишораи мувофиқи гуфторро интихоб карда метавонад. | – Ҳамсуҳбат (он)-ро бодиққат гӯш мекунад.<br>– Қоидаҳои фаъолона гӯш карданро бо имову ишора (тасдиқ, инкор, ба чашмон нигоҳ кардан, сар ҷунбондан ва ба садоҳои атроф диққат надодан)-ро нишон дода метавонад.<br>– Одоби муошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда метавонад.<br>– Ба забони адабии тоҷикӣ, бо боварӣ, орому ботамкин, возеҳу равшан сухан гуфта метавонад.<br>– Суръат, пастию баландии овоз ва оҳанги гуфторро ба навъи муошират мувофиқ мекунад.<br>– Табъ (хурсандию ғамгинӣ, тарс, ҳайрат)-и ҳамсуҳбатро муайян карда, вобаста ба он оҳанг ва имову ишораи мувофиқи гуфторро интихоб карда метавонад. | – Ҳамсуҳбат (он)-ро бодиққат гӯш мекунад.<br>– Қоидаҳои фаъолона гӯш карданро бо имову ишора (тасдиқ, инкор, ба чашмон нигоҳ кардан, сар ҷунбондан ва ба садоҳои атроф диққат надодан)-ро нишон дода метавонад.<br>– Одоби муошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда метавонад.<br>– Ба забони адабии тоҷикӣ, бо боварӣ, орому ботамкин, возеҳу равшан сухан гуфта метавонад.<br>– Суръат, пастию баландии овоз ва оҳанги гуфторро ба навъи муошират мувофиқ мекунад.<br>– Табъ (хурсандию ғамгинӣ, тарс, ҳайрат)-и ҳамсуҳбатро муайян карда, вобаста ба он оҳанг ва имову ишораи мувофиқи гуфторро интихоб карда метавонад. |

| | Хонандаи синфи якум: | Хонандаи синфи дуюм: | Хонандаи синфи сеюм: | Хонандаи синфи чорум: |
|---|---|---|---|---|
| 5. ҲАМКОРӢ | Ба мақсади ҳамкорӣ ба сифати узви гурӯҳ ё даста барои ҳалли масъалаҳои таълимӣ маслиҳату машварат карда метавонад. | | | |
| | – Дар гурӯҳ ва муҳокимаҳои умумӣ бонавбат сухан мегӯяд.<br>– Бо ҳамнишаст (гурӯҳи хурд) доир ба тартиби иҷрои вазифа маслиҳату машварат карда, ба мувофиқа расида метавонад.<br>– Мақсади асосии кори гурӯҳӣ маслиҳату машварат кардану саҳми гузоштани аъзоёни гурӯҳро шарҳ дода метавонад.<br>– Ҳангоми корҳои гурӯҳӣ бо ҷумлаҳои мувофиқ ёрии худро пешниҳод мекунад ё ёрӣ мепурсад («Биё, ҳамроҳ кор кунем. Чӣ бароят мушкил аст?», «Барои беҳтар шудани корам чӣ маслиҳат медиҳед?»). | – Дар гурӯҳ ва муҳокимаҳои умумӣ бонавбат сухан мегӯяд;<br>– Бо ҳамнишаст (гурӯҳи хурд) доир ба тартиби иҷрои вазифа маслиҳату машварат карда, ба мувофиқа расида метавонад.<br>– Дар кори гурӯҳӣ ҳар нафаре нақши муҳим дорад ва натиҷаи кори гурӯҳ аз саҳми ҳамаи аъзоён вобаста буданро шарҳ дода метавонад.<br>– Ҳангоми корҳои гурӯҳӣ бо ҷумлаҳои мувофиқ ёрии худро пешниҳод мекунад ё ёрӣ мепурсад («Биё, ҳамроҳ кор кунем. Чӣ бароят мушкил аст?», «Хоҳиш мекунам, илтимос...»). | – Дар гурӯҳ ва муҳокимаҳои умумӣ бонавбат сухан мегӯяд.<br>– Бо ҳамнишаст (гурӯҳи хурд) доир ба тартиби иҷрои вазифа маслиҳату машварат карда, ба мувофиқа расида метавонад.<br>– Дар кори гурӯҳӣ тавассути гӯш кардан, савол додан ва иҷрои супоришҳо иштирок карда метавонад.<br>– Ҳангоми корҳои гурӯҳӣ бо ҷумлаҳои мувофиқ ёрии худро пешниҳод мекунад ё ёрӣ мепурсад («Биё, ҳамроҳ кор кунем. Чӣ бароят мушкил аст?», «Барои беҳтар шудани корам чӣ маслиҳат медиҳед?», «Инро ман нафаҳмидам, ба ман ёрӣ мерасондед»). | – Дар гурӯҳ ва муҳокимаҳои умумӣ бонавбат сухан мегӯяд.<br>– Бо ҳамнишаст (гурӯҳи хурд) доир ба тартиби иҷрои вазифа маслиҳату машварат карда, ба мувофиқа расида метавонад.<br>– Барои муоширати самарабахш бо аъзоёни гурӯҳ аз роҳҳои гуногун истифода бурда метавонад.<br>– Ҳангоми корҳои гурӯҳӣ бо ҷумлаҳои мувофиқ ёрии худро пешниҳод мекунад ё ёрӣ мепурсад («Барои беҳтар шудани корам чӣ маслиҳат медиҳед?», «Инро ман нафаҳмидам, ба ман ёрӣ мерасондед»). |

# ҶАДВАЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ ХОНИШИ АДАБӢ (САЛОҲИЯТҲО/НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ БА ОХИРИ СОЛИ ТАҲСИЛ МУВОФИҚАНД)

| | **Хонандаи синфи якум:** | **Хонандаи синфи дуюм:** | **Хонандаи синфи сеюм:** | **Хонандаи синфи чорум:** |
|---|---|---|---|---|
| **САМТИ НУТҚИ ШИФОҲӢ** | | | | |
| ДАРКИ МАЪНОИ КАЛИМАИ ШУНИДА | 1. МАЪНОИ КАЛИМАИ МАТНИ ШУНИДААШРО ШАРҲ ДОДА МЕТАВОНАД. | | | |
| | – Калимаҳои матни шунидаашро бо калимаҳои ҳаммаъно ё расм мувофиқ гузошта метавонад. | – Калимаҳои матни шунидаашро бо калимаҳои ҳаммаъно мувофиқ гузошта метавонад<br>– Калимаҳои матни шунидаашро бо калимаҳои зидмаъно мувофиқ гузошта метавонад. | – Калимаҳои матни шунидаашро тавассути калимаҳои ҳаммаъно мувофиқ гузошта метавонад.<br>– Калимаҳои матни шунидаашро бо калимаҳои зидмаъно мувофиқ гузошта метавонад<br>– Калимаву ибораҳои матни шунидаашро бо шарҳи мухтасар мувофиқ мегузорад. | – Калимаҳои матни шунидаашро бо калимаҳои ҳаммаъно мувофиқ гузошта метавонад.<br>– Калимаҳои матни шунидаашро бо калимаҳои зидмаъно мувофиқ гузошта метавонад.<br>– Калимаву ибораҳои матни шунидаашро бо шарҳи мухтасар мувофиқ мегузорад. |
| ДАРКИ МАЗМУНИ МАТНИ ШУНИДА | 2. МАЗМУНИ МАТНИ ШУНИДААШРО ГУФТА МЕТАВОНАД. | | | |
| | – Доир ба мазмуни матни шунидааш, ки ба талаботи синфи якум мувофиқ аст, ба саволҳои далелталаби навъи «Кӣ?/Чӣ?», «Киҳо?/Чиҳо?», «Кай?», «Дар куҷо?» ва ғайра ҷавоб дода метавонад.<br>– Доир ба мазмуни матни шунидааш, ки ба талаботи синфи якум мувофиқ аст, ба саволи таҳлилию мантиқии «Барои чӣ?» ҷавоб дода метавонад. | – Доир ба мазмуни матни шунидааш, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст, ба саволҳои далелталаби навъи «Кӣ? /Чӣ?», «Киҳо?/Чиҳо?», «Кай?», «Дар куҷо?» ва ғайра ҷавоб дода метавонад.<br>–Доир ба мазмуни матни шунидааш, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст, ба саволҳои таҳлилию мантиқии навъи «Барои чӣ?», «Чӣ тавр?» ҷавоб дода метавонад. | – Доир ба мазмуни матни шунидааш, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст, ба саволҳои далелталаби навъи «Кӣ?/Чӣ?», «Киҳо?/Чиҳо?», «Кай?», «Дар куҷо?» ва ғайра ҷавоб дода метавонад.<br>– Доир ба мазмуни матни шунидааш, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст, ба саволҳои таҳлилию мантиқии навъи «Барои чӣ?», «Чӣ тавр?» ҷавоб дода метавонад;<br>– Доир ба мазмуни матни шунидааш, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст, ба саволҳои эҷодии навъи «Боз чӣ тавр?», | – Доир ба мазмуни матни шунидааш, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, ба саволҳои далелталаби навъи «Кӣ?/Чӣ?», «Киҳо?/Чиҳо?», «Кай?», «Дар куҷо?» ва ғайра ҷавоб дода метавонад.<br>– Доир ба мазмуни матни шунидааш, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, ба саволҳои таҳлилию мантиқии навъи «Барои чӣ?», «Чӣ тавр?» ҷавоб дода метавонад;<br>– Доир ба мазмуни матни шунидааш, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, ба саволҳои эҷодии навъи «Боз чӣ тавр?», |

| | Хонандаи синфи якум: | Хонандаи синфи дуюм: | Хонандаи синфи сеюм: | Хонандаи синфи чорум: |
|---|---|---|---|---|
| ДАРКИ МАЗМУНИ МАТНИ ШУНИДА | | | «Агар ба ҷойи ... мебудед, чӣ кор мекардед?», «Оё рафтори ... дуруст/нодуруст буд?», «Агар ба ҷойи муаллиф мебудед, чиро иваз мекардед?» ҷавоб дода метавонад. | «Агар ба ҷойи ... мебудед, чӣ кор мекардед?», «Оё рафтори ... дуруст/нодуруст буд?», «Агар ба ҷойи муаллиф мебудед, чиро иваз мекардед?» ҷавоб дода метавонад. |
| | – Мазмуни матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи якум мувофиқ аст, бозгӯ карда метавонад. | – Мазмуни матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст бо риояи пайдарҳамии воқеаҳо муфассал нақл карда метавонад.<br>– Мазмуни матни шунидаашро, , ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст интихобан нақл карда метавонад. | – Мазмуни матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст, бо риояи пайдарҳамии воқеаҳо муфассал нақл карда метавонад.<br>– Мазмуни матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст интихобан нақл карда метавонад.<br>– Мазмуни матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст мухтасар нақл карда метавонад. | – Мазмуни матни шунидаашро, , ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, бо риояи пайдарҳамии воқеаҳо муфассал нақл карда метавонад.<br>– Мазмуни матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст интихобан нақл карда метавонад.<br>– Мазмуни матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст мухтасар нақл карда метавонад. |
| ҶАМЪБАСТ ВА ХУЛОСА-БАРОРИИ МАЗМУНИ МАТНИ ШУНИДА | 3. АЗ МАЗМУНИ МАТНИ ШУНИДААШ ХУЛОСА БАРОВАРДА МЕТАВОНАД. | | | |
| | – Мавзуъ (дар бораи чӣ (кӣ) будан)-и матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи якум мувофиқ аст муайян карда метавонад.<br>–Фикри асосии матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи якум мувофиқ аст, бо ёрии саволҳо гуфта метавонад. | – Мавзуъ (дар бораи кӣ ё чӣ будан)-и матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст муайян карда метавонад.<br>– Фикри асосии матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст, гуфта метавонад. | – Мавзуъ (дар бораи кӣ ё чӣ будан)-и матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст муайян карда метавонад.<br>– Фикри асосии матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст, гуфта метавонад. | – Мавзуъ (дар бораи кӣ ё чӣ будан)-и матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст муайян карда метавонад.<br>– Фикри асосии мазмуни матни шунидаашро, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст, гуфта метавонад. |
| **САМТИ НУТҚИ ХАТТӢ** | | | | |
| ОВОЗ. ҲАРФ. ҲИҶО | 4. ХОНАНДА ҲАРФУ ОВОЗҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКИРО МЕШИНОСАД. | | | |
| | – Номи ҳарфҳои алифбои забони тоҷикиро гуфта метавонад (а, бе, ве, ге, ... ). | – Номи ҳарфҳои забони тоҷикиро мувофиқи тартиби алифбо гуфта метавонад. | – Тартиби ҳарфҳои алифбои забони тоҷикиро барои ҷустуҷӯйи калимаҳо аз фарҳангҳо истифода карда метавонад. | – Тартиби ҳарфҳои алифбои забони тоҷикиро барои ҷустуҷӯйи калимаҳо аз фарҳангҳо истифода карда метавонад. |

| | Хонандаи синфи якум: | Хонандаи синфи дуюм: | Хонандаи синфи сеюм: | Хонандаи синфи чорум: |
|---|---|---|---|---|
| ОВОЗ. ҲАРФ. ҲИҶО | – Овозҳои ҳарфҳои алифбои забони тоҷикиро дуруст талаффуз мекунад.<br>– Овози аввал, мобайн ва охири калимаҳои содаи якҳиҷодорро муайян карда метавонад.<br>– Ном ва овози ҳарфи алифбои забони тоҷикиро фарқ карда метавонад.<br>– Ду ва зиёда овозҳоро ба ҳам васл карда, ҳиҷоҳои навъи ҲС, СҲ, ҲСҲ, СҲҲ, ҲСҲҲ-ро хонда метавонад. | – Овозҳои ҳарфҳои алифбои забони тоҷикиро дуруст талаффуз карда метавонад<br>– Овози аввал, мобайн ва охири калимаҳои содаи якҳиҷодорро муайян карда метавонад.<br>– Ҳиҷоҳои навъи ҲС, СҲ, ҲСҲ, СҲҲ, ҲСҲҲ-ро хонда метавонад. | | |
| ХОНИШИ РАВОНУ БУРРО ВА МУАССИР | 5. МАТНҲОРО РАВОНУ БУРРО ВА МУАССИР ХОНДА МЕТАВОНАД. | | | |
| | – Калимаҳои ба талаботи синфи якум мувофиқро дуруст хонда метавонад. | – Калимаҳои ба талаботи синфи дуюм мувофиқро дуруст хонда метавонад. | – Калимаҳои ба талаботи синфи сеюм мувофиқро дуруст хонда метавонад; | – Калимаҳои ба талаботи синфи чорум мувофиқро дуруст хонда метавонад. |
| | – Тезгӯякҳоро бурро хонда метавонад.<br>– Чистонҳоро бурро хонда метавонад.<br>– Ҳикояҳои ба талаботи синфи якум мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Афсонаҳои ба талаботи синфи якум мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Шеърҳои ба талаботи синфи якум мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Матнҳои ахбории ба талаботи синфи якум мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Матнҳои ба синфи якум мувофиқро равону бурро (бо | – Тезгӯякҳоро бурро хонда метавонад.<br>– Чистонҳоро бурро хонда метавонад.<br>– Ҳикояҳои ба талаботи синфи дуюм мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Афсонаҳои ба талаботи синфи дуюм мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Шеърҳои ба талаботи синфи дуюм мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Матнҳои ахбории ба талаботи синфи дуюм мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Матнҳои ба синфи дуюм мувофиқро равону бурро (бо | – Латифаҳоро бо оҳанги мувофиқ хонда метавонад.<br>– Ҳикояҳои ба талаботи синфи сеюм мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Афсонаҳои ба талаботи синфи сеюм мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Шеърҳои ба талаботи синфи сеюм мувофиқро равону бурро ва муассир хонда метавонад.<br>– Матнҳои ахбории ба талаботи синфи сеюм мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Матнҳои саҳнавиро бо ҳамсинфон аз рӯйи нақш хонда метавонад.<br>– Матнҳои ба синфи сеюм мувофиқро равону бурро (бо | – Латифаҳоро бо оҳанги мувофиқ хонда метавонад.<br>– Ҳикояҳои ба талаботи синфи чорум мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Афсонаҳои ба талаботи синфи чорум мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Шеърҳои ба талаботи синфи чорум мувофиқро равону бурро ва муассир хонда метавонад.<br>– Матнҳои ахбории ба талаботи синфи чорум мувофиқро равону бурро хонда метавонад.<br>– Матнҳои саҳнавиро бо ҳамсинфон аз рӯйи нақш хонда метавонад.<br>– Матнҳои ба синфи чорум мувофиқро равону бурро (бо |

| | Хонандаи синфи якум: | Хонандаи синфи дуюм: | Хонандаи синфи сеюм: | Хонандаи синфи чорум: |
|---|---|---|---|---|
| | суръати 18-20 калима дар як дақиқа) хонда метавонад*. | суръати 35-40 калима дар як дақиқа) хонда метавонад*. | суръати 55-60 калима дар як дақиқа) хонда метавонад*. | суръати 75-80 калима дар як дақиқа) хонда метавонад*. |
| ДАРКИ МАЪНОИ КАЛИМАИ ХОНДА | 6. ХОНАНДА МАЪНОИ КАЛИМАИ МАТНИ ХОНДААШРО ШАРҲ ДОДА МЕТАВОНАД. | | | |
| | – Калимаҳои матни хондаашро бо калимаҳои ҳаммаъно мувофиқ гузошта метавонад | – Калимаҳои матни хондаашро бо калимаҳои ҳаммаъно мувофиқ гузошта метавонад.<br>–Калимаҳои матни хондаашро бо калимаҳои зидмаъно мувофиқ гузошта метавонад<br>– Калимаю истилоҳоти хоси матнҳои ахбории синфи дуюмро бо шарҳашон мувофиқ гузошта метавонад. | – Калимаҳои матни хондаашро бо калимаҳои ҳаммаъно мувофиқ гузошта метавонад<br>– Калимаҳои матни хондаашро бо калимаҳои зидмаъно мувофиқ гузошта метавонад.<br>– Калимаю ибораҳои матни хондаашро бо шарҳи мухтасар мувофиқ гузошта метавонад.<br>– Ба мазмуни матни хондааш зарбулмасали мувофиқро интихоб карда метавонад.<br>– Калимаю истилоҳоти хоси матнҳои ахбории синфи сеюмро бо шарҳашон мувофиқ гузошта метавонад. | –Калимаҳои матни хондаашро бо калимаҳои ҳаммаъно мувофиқ гузошта метавонад<br>– Калимаҳои матни хондаашро бо калимаҳои зидмаъно мувофиқ гузошта метавонад.<br>– Калимаю ибораҳои матни хондаашро бо шарҳи мухтасар мувофиқ гузошта метавонад.<br>– Ба мазмуни матни хондааш зарбулмасали мувофиқро интихоб карда метавонад.<br>– Ба ибораҳои рехта, таъбирҳои маҷозӣ (бе шарҳи назариявӣ)-и матни хондааш шарҳи мувофиқро интихоб карда метавонад.<br>– Калимаю истилоҳоти хоси матнҳои ахбории синфи чорумро бо шарҳашон мувофиқ гузошта метавонад. |
| ДАРКИ МАЗМУНИ МАТНИ ХОНДА | 7. МАЗМУНИ МАТНИ ХОНДААШРО ГУФТА МЕТАВОНАД. | | | |
| | – Доир ба мазмуни матни хондааш, ки ба талаботи синфи якум мувофиқ аст, ба саволҳои далелталаби навъи «Кӣ? /Чӣ?», «Киҳо? /Чиҳо?», «Кай?», «Дар куҷо?» ва ғайра ҷавоб дода метавонад.<br>– Доир ба мазмуни матни хондааш, ки ба талаботи синфи якум мувофиқ аст, ба  ба саволи | – Доир ба мазмуни матни хондааш, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст, ба саволҳои далелталаби навъи «Кӣ?/Чӣ?», «Киҳо?/Чиҳо?», «Кай?», «Дар куҷо?» ва ғайра ҷавоб дода метавонад.<br>– Доир ба мазмуни матни хондааш, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст, ба саволҳои таҳлилию | – Доир ба мазмуни матни бадеии хондааш, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст, ба саволҳои далелталаби навъи «Кӣ?/Чӣ?», «Киҳо?/Чиҳо?», «Кай?», «Дар куҷо?» ва ғайра ҷавоб дода метавонад.<br>– Доир ба мазмуни матни хондааш, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст, ба саволҳои таҳлилию | – Доир ба мазмуни матни бадеии хондааш, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, ба саволҳои далелталаби навъи «Кӣ?/Чӣ?», «Киҳо?/Чиҳо?», «Кай?», «Дар куҷо?» ва ғайра ҷавоб дода метавонад.<br>– Доир ба мазмуни матни хондааш, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, ба саволҳои таҳлилию |

| | Хонандаи синфи якум: | Хонандаи синфи дуюм: | Хонандаи синфи сеюм: | Хонандаи синфи чорум: |
|---|---|---|---|---|
| | таҳлилию мантиқии навъи «Барои чӣ?» ҷавоб дода метавонад. | мантиқии навъи «Барои чӣ?», «Чӣ тавр?» ҷавоб дода метавонад.<br>– Дар бораи мазмуни матни ахбории хондааш, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст, ба саволҳо ҷавоб дода метавонад. | мантиқии навъи «Барои чӣ?», «Чӣ тавр?» ҷавоб дода метавонад.<br>– Доир ба мазмуни матни хондааш, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст, ба саволҳои эҷодии навъи «Боз чӣ тавр?», «Агар ба ҷойи ... мебудед, чӣ кор мекардед?», «Оё рафтори ... дуруст/нодуруст буд?», «Агар ба ҷойи муаллиф мебудед, чиро иваз мекардед?» ҷавоб дода метавонад. | мантиқии навъи «Барои чӣ?», «Чӣ тавр?» ҷавоб дода метавонад.<br>– Доир ба мазмуни матни хондааш, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, ба саволҳои эҷодии навъи «Боз чӣ тавр?», «Агар ба ҷойи ... мебудед, чӣ кор мекардед?», «Оё рафтори ... дуруст/нодуруст буд?», «Агар ба ҷойи муаллиф мебудед, чиро иваз мекардед?» ҷавоб дода метавонад. |
| | – Пайдарҳамии воқеаҳо (оғоз, қисми асосӣ ва анҷом)-и матнҳои ба талаботи синфи якум мувофиқро муайян карда метавонад. | – Пайдарҳамии воқеаҳо (оғоз, қисми асосӣ ва анҷом)-и матнҳои ба талаботи синфи дуюм мувофиқро муайян карда метавонад. | – Пайдарҳамии воқеаҳо (оғоз, қисми асосӣ ва анҷом)-и матнҳои ба талаботи синфи сеюм мувофиқро муайян карда метавонад. | – Пайдарҳамии воқеаҳо (оғоз, қисми асосӣ ва анҷом)-и матнҳои ба талаботи синфи ячорум мувофиқро муайян карда метавонад. |
| | – Мазмуни матни хондаашро, ки ба талаботи синфи якум мувофиқ аст, бо суханони худ нақл карда метавонад. | – Мазмуни матни хондаашро, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст, муфассал нақл карда метавонад.<br>– Мазмуни матни хондаашро, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст, интихобан нақл карда метавонад. | – Мазмуни матни хондаашро, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст, муфассал нақл карда метавонад.<br>– Мазмуни матни хондаашро, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст, интихобан нақл карда метавонад.<br>— Мазмуни матни хондаашро, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст, мухтасар нақл карда метавонад. | –Мазмуни матни хондаашро, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, муфассал нақл карда метавонад.<br>– Мазмуни матни хондаашро, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, интихобан нақл карда метавонад.<br>– Мазмуни матни хондаашро, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, мухтасар нақл карда метавонад.<br>– Мазмуни матни хондаашро, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, эҷодӣ нақл карда метавонад. |
| ҶАМЪБАСТ ВА ХУЛОСАБАРОРИИ МАЗМУНИ МАТНИ ХОНДА | 8. АЗ МАЗМУНИ МАТНИ ХОНДААШ ХУЛОСА БАРОВАРДА МЕТАВОНАД. | | | |
| | – Ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн баҳо дода метавонад.<br>– Мавзуъ (дар бораи кӣ ё чӣ будан)-и матни хондаашро, ки ба талаботи синфи якум мувофиқ аст, муайян карда метавонад. | –Ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн баҳо дода метавонад.<br>– Мавзуъ (дар бораи кӣ ё чӣ будан)-и матни хондаашро, ки ба талаботи синфи якум мувофиқ аст, муайян карда метавонад. | –Ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн баҳо дода метавонад;<br>– Мавзуъ (дар бораи кӣ ё чӣ будан)-и матни хондаашро, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст, муайян карда метавонад. | – Ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн баҳо дода метавонад;<br>– Мавзуъ (дар бораи кӣ ё чӣ будан)-и матни хондаашро, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, муайян карда метавонад. |

| | Хонандаи синфи якум: | Хонандаи синфи дуюм: | Хонандаи синфи сеюм: | Хонандаи синфи чорум: |
|---|---|---|---|---|
| | – Фикри асосӣ (хулоса)-ҳои матни хондаашро, ки ба талаботи синфи якум мувофиқ аст, бо ёрии саволҳо муайян карда метавонад. | – Фикри асосӣ (хулоса)-ҳои матни хондаашро, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст, муайян карда метавонад. | – Фикри асосии матни хондаашро, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст, муайян карда метавонад. | – Фикри асосии матни хондаашро ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, муайян карда метавонад. |
| ШИНОХТАНИ НАВЪ ВА ЖАНРҲОИ АДАБИЁТИ БАЧАГОНА | 9. НАВЪ ВА ЖАНРҲОИ АДАБИЁТИ БАЧАГОНАРО ФАРҚ КАРДА МЕТАВОНАД. | | | |
| | – Хусусияти афсона (оғоз: буд-набуд, мисли одамон гуфтору рафтор кардани ҳайвонҳо)-ро гуфта метавонад.<br>– Хусусиятҳои ҳикоя (симоҳои асосӣ – одамон, воқеаҳо – ҳаётӣ)-ро, ки ба талаботи синфи якум мувофиқ аст, гуфта метавонад.<br>– Хусусиятҳои шеър (мисраъ, ҳарфи калон дар аввали мисраъ)-ро шарҳ дода метавонад.<br>– Суханони симоҳоро дар матни ба талаботи синфи якум мувофиқ муайян карда метавонад.<br>– Матни ахбориро аз бадеӣ (афсона ва ҳикоя) фарқ карда метавонад.<br>– Навъ ва жанрҳои адабиёти бачагона (тезгӯяк, чистон, ҳикоя, афсона, шеър ва матни ахборӣ)-и ба талаботи синфи якум мувофиқро фарқ карда метавонад. | – Хусусияти афсона (оғоз: буд-набуд, гуфтору рафтори мисли одамон, қувваҳои некию бадӣ)-ро муайян карда метавонад<br>– Хусусиятҳои ҳикоя (симоҳои асосӣ — одамон, воқеаҳо — ҳаётӣ)-ро, ки ба талаботи синфи дуюм мувофиқ аст, муайян карда метавонад.<br>– Хусусиятҳои шеър (мисраъ, қофия, байт, байтбарак)-ро шарҳ дода метавонад.<br>– Гуфтугӯйи симоҳоро дар матни ба талаботи синфи дуюм мувофиқ муайян карда метавонад.<br>– Матни ахбориро аз бадеӣ (афсона ва ҳикоя)-и ба талаботи синфи дуюм мувофиқ фарқ карда метавонад.<br>– Навъ ва жанрҳои адабиёти бачагона (тезгӯяк, чистон, ҳикоя, афсона, шеър ва матни ахборӣ)-и ба талаботи синфи дуюм мувофиқро фарқ карда метавонад. | – Афсонаҳои муаллифӣ ва халқиро фарқ карда метавонад.<br>– Унсурҳои воқеӣ ва тахайюлии ҳикояҳои фантастикиро, ки ба талаботи синфи сеюм мувофиқ аст, муайян карда метавонад.<br>– Тавсиф, ташбеҳ ва маҷозро дар матнҳои бадеии ба синфи сеюм мувофиқ муайян карда метавонад.<br>– Матнҳои саҳнавии ба талаботи синфи сеюм мувофиқро аз ҳикояву афсона ва шеър фарқ карда метавонад;<br>– Хусусиятҳои фарққунандаи матнҳои ахбории ба талаботи синфи сеюм мувофиқро аз матнҳои бадеӣ шарҳ дода тавонад;<br>– Навъ ва жанрҳои адабиёти бачагона (тезгӯяк, чистон, ҳикоя, афсона, шеър ва матни ахборӣ)-и ба талаботи синфи сеюм мувофиқро фарқ карда метавонад. | – Хусусиятҳои афсонаҳои тамсилӣ (ҷонварон ифодагари хислату атвори одамон)-ро шарҳ дода метавонад.<br>– Унсурҳои воқеӣ ва тахайюлии ҳикояҳои фантастикиро, ки ба талаботи синфи чорум мувофиқ аст, муайян карда метавонад.<br>– Тавсиф, ташбеҳ ва маҷозро дар матнҳои бадеии ба синфи чорум мувофиқ муайян карда метавонад.<br>– Матнҳои саҳнавии ба талаботи синфи чорум мувофиқро аз ҳикояву афсона ва шеър фарқ карда метавонад;<br>– Хусусиятҳои фарққунандаи матнҳои ахбории ба талаботи синфи чорум мувофиқро аз матнҳои бадеӣ шарҳ дода тавонад;<br>– Навъ ва жанрҳои адабиёти бачагона (тезгӯяк, чистон, ҳикоя, афсона, шеър ва матни ахборӣ)-и ба талаботи синфи чорум мувофиқро фарқ карда метавонад. |

* Калимаҳои ба талаботи синфи 1 (2,3,4) мувофиқ — калимаҳои таркиби матну машқҳои китобҳои дарсии хониши адабӣ, забони тоҷикӣ, китобҳои бачагонаи мувофиқи сатҳи синф ва дигар маводди таълимии иловагие, ки ВМИ барои ин синф тасдиқ ё тавсия намудааст.

** Матнҳои ба талаботи синфи 1 (2,3,4) мувофиқ — матнҳои китобҳои дарсӣ, китобҳои бачагонаи мувофиқи сатҳи синф ва дигар маводди таълимии иловагие, ки ВМИ барои ин синф тасдиқ ё тавсия намудааст.

# 2.3. ҶАДВАЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ТАРБИЯВӢ-АХЛОҚӢ (САЛОҲИЯТҲО/НАТИҶАҲО БА ОХИРИ СОЛИ ТАҲСИЛ МУВОФИҚАНД)

| | Хонандаи синфи якум: | Хонандаи синфи дуюм: | Хонандаи синфи сеюм: | Хонандаи синфи чорум: |
|---|---|---|---|---|
| | 1. Ҳолатҳои эҳсосотӣ, сифатҳои шахсӣ ва рафтори худро муайян ва идора карда метавонад. | | | |
| ХУДШИНОСӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ | – Эҳсосот (хурсандӣ ва ғамгинӣ)-ро мешиносад ва нишон дода метавонад. | – Эҳсосоти гуногун (хурсандӣ, ғамгинӣ, тарс, ҳайрат ва ғ.)-ро мешиносад ва нишон дода метавонад. | – Вазъиятҳоеро, ки Эҳсосоти гуногун (хурсандӣ, ғамгинӣ, тарс, ҳайрат)-ро ба вуҷуд меоранд шарҳ дода метавонад. | – Эҳсосот (шодӣ, қаҳру ғазаб, ранҷидан)-и худро идора карда метавонад. |
| | – Хоҳишу эҳтиёҷоти худро муайян карда метавонад. | – Малака ва шуғли дӯстдоштаеро, ки мехоҳад инкишоф диҳад, шарҳ дода метавонад. | – Таъсири кӯшиш карданро барои муваффақшавӣ дар таълим таҳлил карда метавонанд. | – Ҷанбаҳои қавӣ ва самтҳои такмилталаби фаъолияти худро муайян карда метавонад. |
| | Дастоварди шахсӣ ва омӯзиширо намоиш дода метавонад. | | | |
| | – Ҳангоми омӯхтани маводди нав ҳавасмандӣ зоҳир мекунад. | – Ҳангоми ба миён омадани душворӣ ноумед (дилшикаста) намешавад | – Барои иҷрои фаъолият (аз оғоз то анҷом), новобаста ба душворӣ, кӯшиш мекунад. | – Душвориро ҳамчун ҷузъи раванди рушд дониста, баъд аз ғалат кардан ҳам аз иҷрои кор даст намекашад. |
| | – Барои ноил шудан ба дастоварди омӯзишӣ ва интизом дар синф мақсад гузошта метавонад. | – Қадамҳои мақсад гузоштан ва ба он ноил шуданро шарҳ дода метавонад. | – Дар назди худ мақсади хурд гузошта, фаъолиятҳоро барои расидан ба он ба нақша мегирад. | – Роҳҳои истифодаи захираҳоро барои расидан ба мақсад муайян карда метавонад. |
| | – Ба мақсади гузошта расидан ё нарасиданашро шарҳ медиҳад. | – Пешрафти худро барои расидан ба як мақсади хурд пайгирӣ карда метавонад. | – Омилҳои ба мақсад ноил шудан ё нашудани шахсро муайян карда метавонад. | – Барои расидан ба мақсад монеаҳоро бартараф карда метавонад. |
| ЭҲТИРОМ ВА ҚАДРШИНОСИИ ШАХС | Гуногунии андеша ва хислатҳоро эҳтиром ва қадр карда метавонад. | | | |
| | – Монандӣ ва гуногунии одамонро фаҳмида метавонад. | – Андешаву хислатҳои фарқкунандаи ҳамсолонро таҳаммул карда метавонад. | – Монандӣ ва фарқи нуқтаи назари худ ва дигаронро шарҳ дода метавонад. | – Шахсонеро, ки таҷрибаашон аз таҷрибаи ӯ фарқ мекунад, эътироф карда метавонад. |
| | – Ба ҳамсолон дар ҳалли масъалаҳои омӯзишӣ ёрӣ расонида метавонад. | – Ба одамон ва олами набототу ҳайвонот муносибати ғамхорона мекунад. | – Ба ҳамсолони худ таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ зоҳир карда метавонад. | Ба шахсони ниёзманд таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ зоҳир мекунад. |
| | – Падару модар, омӯзгор, калонсолон ва ҳамсолонро эҳтиром мекунад. | – Падару модар, омӯзгор, калонсолон ва ҳамсолону хурдсолонро эҳтиром мекунад. | – Падару модар, омӯзгор, калонсолон ва ҳамсолону хурдсолонро эҳтиром мекунад. | – Падару модар, омӯзгор, калонсолон ва ҳамсолону хурдсолонро эҳтиром мекунад. |

| | Хонандаи синфи якум: | Хонандаи синфи дуюм: | Хонандаи синфи сеюм: | Хонандаи синфи чорум: |
|---|---|---|---|---|
| ҲАЛЛИ ДУШВОРӢ | Қобилияти пешгирӣ, идора кардан ва ҳалли низоъҳои байнифардиро бо роҳу усулҳои созанда нишон дода метавонад. | | | |
| | – Нофаҳмиҳои маъмулии ҳамсолонро муайян карда метавонад. | – Сабабу натиҷаи нофаҳмӣ (мунокиша)-и мушаххасро шарҳ дода метавонад. | – Роҳҳои пешгирӣ ва ҳалли нофаҳмиро арзёбӣ карда метавонад. | – Барои ҳалли нофаҳмиҳо саъйу кӯшиш карда метавонад. |
| | – Роҳҳои ҳалли нофаҳмиҳои маъмулро муайян карда метавонад. | – Рафтори номатлуби ҳамсолонро муайян карда, роҳҳои ба он муқовимат нишон доданро арзёбӣ карда метавонад. | – Вақте ки мушкилоти ҳамсолонро ҳал карда наметавонад, ба калонсолон муроҷиат мекунад. | – Ба калонсолон барои ёрӣ ва дастгирӣ муроҷиат карда метавонад. |
| МАСЪУЛИЯТ | Масъулияти шахсӣ ва иҷтимоиро шарҳ дода метавонад. | | | |
| | – Гуфтору рафтори хубу бадро фарқ карда метавонад. | – Аз гуфтору рафторе, ки боиси ранҷиши дигарон мегардад, дурӣ меҷӯяд. | – Новобаста аз таъсири манфии ҳамсолон қарори мусбат қабул карда метавонад. | – Ба ҳар амале, ки пайомади манфӣ дорад, устуворӣ нишон дода, ҷавоби рад медиҳад. |
| | – Ӯҳдадориҳои худро ҳамчун хонандаи синф номбар карда метавонад. | – Ба иштибоҳи содиркардааш иқрор мешавад. | – Барои иштибоҳи содиркарда бахшиш пурсида метавонад. | – Барои амалҳои содиркарда ва оқибатҳои он масъулиятро ба ӯҳда гирифта метавонад. |
| | – – Ашёи таълим, синф, мактаб, хона ва муҳитро эҳтиёт мекунад. | – Ашёи таълим, синф, мактаб, хона ва муҳитро эҳтиёт карда, аҳаммияти онро шарҳ медиҳад. | – Ба ҳамсолон барои эҳтиёт кардани ашёи таълим, синф, мактаб, хона ва муҳит ёрӣ мерасонад. | – Барои эҳтиёт кардани ашёи таълим, синф, мактаб, хона ва муҳит ба ҳамсолон ва хурдсолон мусоидат мекунад. |
| | – Фаъолиятҳоеро, ки барои беҳбудии муҳити синф мусоидат мекунанд, иҷро карда метавонад. | – Аҳаммияти иҷро кардани фаъолиятҳоеро, ки барои беҳбудии муҳити синф ва мактаб мусоидат мекунанд, шарҳ дода метавонад. | – Ба ҳамсолон дар фаъолиятҳое, ки ба беҳбудии муҳити синф ва мактаб мусоидат мекунанд, ёрӣ дода метавонад. | – Дар чорабиниҳои ободонии синфу мактаб ва ҷомеа иштирок карда метавонад. |
| САҲМГУЗОРӢ ДАР РУШДИ ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ | Дар рушди муносибатҳои иҷтимоӣ саҳм гузошта метавонад. | | | |
| | – Дастранҷи падару модарро сарфакорона истифода мебарад ва заҳмати дигаронро қадр мекунад. | –Аҳаммияти сарфакорона истифода бурдани дастранҷи падару модар ва қадр кардани заҳмати дигаронро шарҳ дода метавонад. | – Барои сариштакорӣ ва қадр кардани заҳмати дигарон ба ҳамсолон маслиҳат дода метавонад. | – Аҳаммияти сарфаю сариштакорӣ ва қадр кардани заҳмати дигаронро барои беҳтаршавии зиндагӣ шарҳ медиҳад. |
| | – Бо сарватҳои табиӣ ва муҳити зист эҳтиёткорона муносибат мекунад. | – Аҳаммияти эҳтиёт кардани сарватҳои табиӣ ва муҳити зистро шарҳ дода метавонад | – Ба ҳамсолон барои эҳтиёт кардани сарватҳои табиӣ ва муҳити зист ёрӣ мерасонад. | – Сарватҳои табиӣ ва муҳити зистро эҳтиёт мекунад ва риояи онро аз ҳамсолон даъват мекунад. |

| | Хонандаи синфи якум: | Хонандаи синфи дуюм: | Хонандаи синфи сеюм: | Хонандаи синфи чорум: |
|---|---|---|---|---|
| | – Ҷойи нишаст, синф, мактаб ва муҳитро тозаву озода нигоҳ медорад. | – Ҷойи нишаст, синф, мактаб ва муҳитро тозаву озода нигоҳ медорад ва аҳаммияти онро шарҳ дода метавонад. | – Ҳамсолонро ба тозаву покиза нигоҳ доштани ҷойи нишаст, синф, мактаб ва муҳити зист даъват мекунад. | – Ҷойи нишаст, синф, мактаб ва муҳитро тозаву озода нигоҳ медорад ва риояи онро аз ҳамсолон хоҳиш мекунад. |
| | – Қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва тарзи ҳаёти солимро риоя карда метавонад. | – Қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва тарзи ҳаёти солимро риоя намуда, аҳаммияти онро барои худ ва ҳамсолон шарҳ медиҳад. | – Ба ҳамсолон барои риоя кардани қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва тарзи ҳаёти солим ёрӣ мерасонад. | – Қоидаҳои гигиенаи шахсӣ, тарзи ҳаёти солимро таблиғ мекунад, риояи онро аз ҳамсолон хоҳиш мекунад. |
| ВАТАНДӮСТӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ | Ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дорад. | | | |
| | – Кӯшиш мекунад, ки бо забони адабии тоҷикӣ суҳбат кунад. | – Ба забони тоҷикӣ арҷ мегузорад ва барои тозаву покиза нигоҳ доштани он саҳм мегузорад. | – Ба забони тоҷикӣ арҷ мегузорад ва ҳамсолонро барои тозаву покиза нигоҳ доштани он даъват мекунад. | – Ба забони тоҷикӣ арҷ мегузорад ва забонҳои дигарро эҳтиром мекунад. |
| | – Забон ва миллати худро мешиносад. | – Аз мансубият ба халқу миллати худ ифтихор карда метавонад. | – Аз миллати худ ифтихор карданро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ медиҳад. | – Аз халқу миллати худ ифтихор карда, халқу миллатҳои дигарро низ эҳтиром мекунад. |
| | – Муқаддасоти миллиро мешиносад ва номбар мекунад. | – Муқаддасоти миллиро номбар мекунад ва унсурҳои онро шарҳ дода метавонад. | – Аҳаммияти эҳтиром кардани муқаддасоти миллиро шарҳ дода метавонад. | – Аҳаммияти эҳтиром кардани муқаддасоти миллиро шарҳ дода метавонад. |
| | – Ҷашнҳои миллиро номбар ва эҳтиром мекунад. | – Ҷашнҳои миллиро номбар карда, дар бораи онҳо маълумоти умумӣ дода метавонад. | – Ҷашнҳои миллиро номбар карда, дар бораи онҳо маълумоти муфассал дода метавонад. | – Дар чорабиниҳои синфию мактабии ба ҷашнҳои миллӣ бахшида саҳм гузошта метавонад. |
| | – Мафҳуми «Ватан»-ро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ дода метавонад. | – «Ватандӯстӣ»-ро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ дода метавонад. | – «Ватан» ва «ватандӯстӣ»-ро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ дода метавонад. | – «Ватан», «ватандӯстӣ» ва «ифтихори миллӣ»-ро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ дода метавонад. |

## ТАЛАБОТ БА ҲАҶМ, СИФАТ
## ВА МАВЗУИ МАВОДДИ ТАЪЛИМ

Ҳаҷми маводди таълим барои ҳар як синф тибқи мундариҷа ва муҳтавои барномаи таълим муайян мегардад. Он вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва имкониятҳои ҷисмонию зеҳнии хонандагон пешниҳод мегардад.

Дар муайян намудани ҳаҷми маводди таълим ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ кардан зарур аст:

## ТАЛАБОТ БА ИНТИХОБИ МАТНҲО, МАВЗУЪ
## ВА ТАНОСУБИ ГУНОГУНИИ ОНҲО

Ҳаҷм ва мазмуни матнҳо бояд ба ҳадафҳои таълими фан созгор бошад ва барои ташаккули малакаву маҳорат ва салоҳиятҳои таълимиву тарбиявии хонандагон мусоидат кунад. Матнҳое пешниҳод мешаванд, ки гуногунжанр, гуногунҷабҳа буда, дар баробари мутобиқати пурра ба хусусиятҳои синнусолӣ ба рушди тафаккури хонандагон равона шуда бошанд. Дар синфҳои ибтидоӣ хондан ва кор бо матнҳое, ки моҳияти зӯроварӣ, хушунат, куштор, хурофотпарастӣ ва дигар падидаҳои номатлуби ҷомеа мебошанд, қатъиян манъ аст.

Мавзуи матнҳое, ки барои истифода дар китобҳои дарсии хониш барои синфҳои 1–4 пешниҳод мешаванд, гуногун буда метавонад, аммо доираи онҳо бо мавзуъҳои зерин муайян мегардад:

Китоб. Китобхона. Мактаб. Аҳамияти таҳсил. Эҷодиёти шифоҳии халқ (тезгӯяк, чистон, афсона, зарбулмасал). Матнҳо дар бораи ҳайвоноту парандаҳо. Ҳикояҳо дар бораи кӯдакон. Фаслҳои сол ва тасвири зебоии онҳо. Афсонаҳои муаллифӣ ва халқӣ. Афсонаҳои тамсилӣ. Ҳикояву афсонаҳо дар бораи дӯстӣ. Васфи ватан. Ҳақиқат ва тахайюлот. Дунёи орзуҳо. Доно шуда аз илму фан (Асарҳои илмӣ-оммавӣ). Олами эҳсосот (аз ханда то гиря). Рӯзи модарон. Васфи Баҳору. Наврӯз. Фарҳангҳо ва донишномаҳо. Адибони Тоҷикистон барои бачагон. Намунаҳои адабиёти классикии ба синну сол мувофиқ. Адибони маъруфи ҷаҳон барои кӯдакон.

## ТАЛАБОТ БА РАСМУ СУРАТҲО

Расму суратҳо ва, умуман, ороиши китоби дарсии хониш барои синфҳои ибтидоӣ барои таъмини таълими самаранок ва бедор кардани шавқу ҳаваси хонандагон ба таҳсили илм ва тарбияи эстетикии онҳо нақши муҳим дорад. Расму суратҳо қисми таркибии мундариҷаи китоби дарсӣ ба шумор мераванд, аз ин рӯ, онҳо бояд бо мазмуни матну супоришҳо ва мавзуи таълимӣ комилан мувофиқ бошанд. Расме, ки ба ин ё он матн бахшида мешавад, бояд барои пурра гардонидани мазмуни матн кумаки амалӣ расонад. Расму суратҳо барои бозиҳои гуногуни дидактикӣ, аз ҷумла, хондани ребусҳо, ёфтани чистонҳо, ташкили суҳбатҳо ва рушди нутқи шифоҳӣ низ истифода мешаванд. Истифодаи рангҳои гуногун, ҳаҷм ва дигар хусусиятҳои ашёи тасвирӣ тибқи талаботи

меъёрҳои муқаррагардида ба роҳ монда мешавад. Таносуби матну супоришҳо бо ҷойгузории расму суратҳо вобаста ба ҳар синф муайян гардида, зина ба зина ҳаҷми истифодаи тасвирҳо дар синфҳои боло (2, 3, 4) мутаносибан камтар мегардад.

## ТАЛАБОТ БА МАТНҲО БАРОИ АРЗЁБИИ НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИ ҶАДВАЛИ САЛОҲИЯТ ВА НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИ ХОНИШИ АДАБӢ

Қисми зер намунаи матнҳои ба талаботи синф мувофиқро дар бар мегирад, ки ба истифодабарандагони ҷадвали салоҳиятҳои хондан ёрӣ мерасонад. Он сатҳи арзёбии матни додашударо шарҳ медиҳад. Талабот ба матнҳо барои арзёбиро набояд бо матнҳои таълимӣ омехта кард.

### МАТНИ БА ТАЛАБОТИ СИНФИ 1 МУВОФИҚ:

**Ҳаҷми матн:**

- 3–6 ҷумла (15–20 калима);
- ҳар ҷумла иборат аст аз 2–6 калимаи маъмуле,ки шарҳи иловагиро талаб намекунад;

**Мазмун ва мундариҷаи матн**:

- тасвири ягон воқеае аз ҳаёти кӯдакон;
- матн як симо/персонаж дорад;
- макон ва замони баргузории воқеа ошкоро баён шудааст.

**Сохтори матн:**

- аз номи шахси сеюм баён шудааст;
- исмҳо дар ҷумлаҳои минбаъда ба ҷонишинҳои шахсӣ ифода наёфтаанд;

**Луғат:**

- ҳамаи калимаҳои матн маъмуланд;

**Сохтори ҷумла:**

- ҷумлаҳои содаи дутаркиба;
- нутқи мазмунан нақлшуда.

**Намунаи матн:**

Номи писар Эраҷ аст. Субҳ Эраҷ бояд себу афлесун харад. Эраҷ ба дукони меваҳо рафт. Эраҷ аз дукон себ харид. Аммо афлесун боқӣ намонда набуд.

### МАТНИ БА ТАЛАБОТИ СИНФИ 2 МУВОФИҚ:

**Ҳаҷми матн**

- тахминан 4–7 ҷумла (35–40 калима);

**Мазмун ва мундариҷаи матн**

- тасвири ягон воқеае аз ҳаёти кӯдакон;
- матн симо/персонажҳои асосӣ дорад;
- макон (самти ҳаракат) ё замони баргузории воқеа ошкоро баён шудааст.

**Сохтори матн**

- аз номи шахси сеюм баён шудааст;
- исмҳо дар ҷумлаҳои минбаъда ба ҷонишинҳои шахсӣ ифода ёфтаанд;

**Луғат**

- ҳамаи калимаҳои матн маъмуланд;

**Сохтори ҷумла**

- ҷумлаҳои содаи дутаркиба;
- ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ, ки то 12 калима доранд;
- нутқи мазмунан нақлшуда.

*Матни намунавии **ҳикоягӣ***

Рӯзе Бунафша дар роҳ як ҷузвдон ёфт. Ӯ ҷузвдонро ба назди омӯзгор бурд. Соҳиби ҷузвдон пайдо шуд. Соҳибаш як ҷавонзан будааст. Вай ба Бунафша изҳори миннатдорӣ кард.

Бунафша хеле хурсанд шуд, ки ҷузвдон соҳиби худро ёфт. (36 калима)

*Матни намунавии **ахборӣ***

Рӯз гарм аст. Баъзе ҳайвонҳо танҳо баъзеяшон гурӯҳ-гурӯҳ барои обнӯшӣ ба назди кӯл меоянд. Аспҳо гала шуда меоянд. Гӯсфандон рама шуда меоянд. Гунҷишкон села-села меоянд. Дар охири рӯз, тамоми ҳайвонҳо барои обнӯшӣ ба назди кӯл меоянд. (36 калима)

**МАТНИ БА ТАЛАБОТИ СИНФИ 3 МУВОФИҚ:**

**Ҳаҷми матн**

- 6–10 ҷумла (55–60 калима);

**Мазмун ва мундариҷаи матн**

- тасвири ягон воқеае аз ҳаёти кӯдакон;
- матн симо/персонажҳои асосӣ ва дуюмдараҷа дорад.
- макон ё сӯйи ҳаракат и ё замони баргузории воқеа баён шуда, ки асосиаш бараъло намоён аст.

**Сохтори матн**

- аз номи шахси сеюм баён шудааст;
- исмҳо дар ҷумлаҳои минбаъда ба ҷонишинҳои шахсӣ ифода ёфтаанд.

**Луғат**

- аксари калимаҳои матн маъмуланд;
- маънои луғати навро аз рӯйи мазмуни ҷумла муайян кардан мумкин аст.

**Сохтори ҷумла**

- ҷумлаҳои содаи дутаркиба;
- ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ, ки то 12–15 калима доранд;
- нутқи мазмунан ва айнан нақлшуда.

*Намунаи 1.* **Ҳикоя.**

Шафтолуи ҳаловатбахш

Рӯзе Хуршед ба хона мерафт. Ҳаво хеле гарм буд. Хуршед худро хастаю гурусна ҳис мекард. Вай зери дарахти калони шафтолуе, ки дар канори роҳ буд нишаст. Зери дарахт салқину гуворо буд. Хоби ӯ бурд.

Ногаҳон шафтолуе афтод. Ӯ бедор шуд. Хуршед шафтолуи афтодаро тоза карда хӯрд. Шафтолуи сероб ба ӯ ҳаловат бахшид. Вай хурсанд шуд. (55 калима)

*Намунаи 2.* **Ҳикоя.**

Рӯбоҳи мағрур

Рӯбоҳи гурусна аз назди боғ мегузашт. Дид, ки ангур пухтааст. Чанд сари ангур аз болои девор овезон буд.

— Ман бақувватам. Ҳозир ангур чида шикамсерӣ мехӯрам, — гуфт рӯбоҳ. Ӯ ҷаҳид, аммо ба ангур расида натавонист. Ӯ такрор ба такрор чанд бор ҷаҳид. Сипас, хандаи харро шунид:

— Ту худатро таъриф кардиву акнун аблаҳ менамоӣ, — гуфт хар. (54 калима)

*Намунаи 3.* **Ахборӣ**

Гули санг

Гул дар хок мерӯяд. Ба он об, хок ва гармӣ даркор аст. Гул дар рӯйи санг намерӯяд, аммо дар тарқишҳои санг метавонад сабзад. Шамол ё борон тарқишҳои сангро бо хок пур мекунанд. Шамол инчунин метавонад тухми гулро ба ин тарқиш орад. Дар тарқиши санг барои рӯйидани гул шароит фароҳам меояд. (50 калима)

*Намунаи 4.* **Ахборӣ**

Ғамхори парандаҳо

Шаҳло ба рӯйи ҳавлӣ баромад. Ҳаво сарду рӯйи ҳавлӣ ях карда буд. Бибӣ рӯйи замин дони гандум мепошид. Парандаҳо мехӯрданд.

— Бечора парандаҳо ба хотири дон, дар рӯйи замини сард хунук мехӯранд, — гуфт Шаҳло.

Бибӣ гуфт:

— Шаҳлоҷон, парандаҳо аз хунукӣ не, аз гуруснагӣ мемиранд.

Шаҳло ҳам аз қуттӣ дон гирифту ба парандагон дод. (52 калима)

**МАТНИ БА ТАЛАБОТИ СИНФИ 4 МУВОФИҚ:**

**Ҳаҷми матн**

- 6-10 ҷумла (75-80 калима);

**Мазмун ва мундариҷаи матн**

- тасвири ягон воқеае аз ҳаёти кӯдакон;
- симоҳо кӯдакони синну соли мувофиқ.

**Сохтори матн**

- аз номи шахси сеюм баён шудааст;
- исмҳо дар ҷумлаҳои минбаъда ба ҷонишинҳои шахсӣ ифода ёбанд;
- матн симо/персонажҳои асосӣ ва дуюмдараҷа дорад;
- чанд макони ё замони баргузории воқеа баён шудааст, ки асосиаш бараъло намоён аст.

**Луғат**

- аксари калимаҳои матн маъмуланд;
- маънои луғати навро аз рӯйи мазмуни худи ҷумла, аз маънои ҷумлаи қалбӣ ё баъдӣ муайян муайян кардан мумкин аст.

**Сохтори ҷумла**

- ҷумлаҳои содаи дутаркиба;
- ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ, ки то 15–18 калима доранд;
- ҷумлаҳое, ки яке аз аъзоҳояш чида шуда омадааст;
- нутқи мазмунан ва айнан нақлшуда.

*Намунаи 1.* **Ҳикоя**

Рӯзе Сиёвуш дар хона аз зинапоя поён мефуромад, ки פояш лағжид. Вай ба поён афтод. Пояш сахт дард баровард. Сиёвуш доду фиғон кард. Модараш давида омад. Вай хеле эҳтиёткорона пойи Сиёвушро ламс кард. Хун набуд, аммо буҷулаки пой зуд варам мекард.

— Ба мошини ёрии таъҷилӣ занг занед, — гуфт модар ба падараш. То омадани мошини Ёрии таъҷилӣ ба Сиёвуш ёрии аввалини тиббӣ расонданд. Ӯро дар фарш хобонда, пояшро рост нигоҳ дошта истоданд.

Духтурон омада, Сиёвушро ба беморхона бурданд. (77 калима)

*Намунаи 2.* **Ҳикоя**

Бунафшаи қадпаст

Бунафша духтари қадпасти синф буд. Бинобар ин худро нороҳат ҳис мекард.

Рӯзе Вай ба хонаашон мерафт. Дар роҳ чир-чири чӯҷаеро шунид. Вай ба он сӯ нигарист. Дид, ки чӯҷае аз лона афтидааст. Лона дар шохи баланд буд. Вай эҳтиёткорона чӯҷаро бардошта, ба шохи дарахт баромад ва ба лонааш гузошт.

Чӯҷа хушҳолона боз чир-чир кард.

— Қадпаст бошам ҳам чӯҷаро ба он баландӣ баровардa тавонистам, — гуфт хушҳолона Бунафша.

Вай хеле хурсанд буд, ки як кори хайр кард. (77 калима)

*Намунаи 3.* **Ахборӣ**

Наҳанги фонусии пакана

Наҳанги кабуд бисёр хатарнок аст. Аммо баъзе наҳангҳо безараранд. Наҳанги фонусии пакана ҷонвари безарар аст.

Ҳамаи наҳангҳо калон нестанд. Наҳанги фонусии пакана чунон хурд аст, ки шумо метавонед онро дар як даст нигоҳ доред.

Хусусияти дигари аҷиби наҳангҳои фонусии пакана ин аст, ки онҳо дар торикӣ медурахшанд. Онҳо дар қаъри укёнусҳои хеле чуқур зиндагӣ мекунанд. Дар он ҷое, ки онҳо зиндагӣ мекунанд, рӯшноӣ нест. Онҳо худашон рӯшноӣ медиҳанд. (68 калима)

*Намунаи 4.* **Ахборӣ**

Ҳайвонҳо дар табиат

Дар табиат баъзе ҳайвонҳо ҳайвонҳои дигарро мехӯранд. Ин ҳайвонҳоро дарранда меноманд. Ҳайвонҳоеро, ки даррандаҳо мехӯранд, сайд мегӯянд. Сайдҳо намехоҳанд, ки онҳоро хӯранд. Онҳо роҳҳои зиёди наҷот ёфтанро пайдо кардаанд.

Ҷайраҳо дар баданашон хорҳои тез доранд. Даррандаҳо аз тарси хорҳо худро дур мегиранд. Морҳо даррандаҳоро газида заҳр мезананд. Ин даррандаҳоро маҷруҳ мекунад ё мекушад.

Оҳуҳо хеле тез медаванд. Аз даррандаҳо мегурезанд. Ҳамин тавр, худро муҳофизат мекунанд. Аммо баъзеяшон ба чанги даррандаҳо меафтанд. (71 калима)

Маводи мазкур бо кумаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он ба воситаи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) ба хонанда дастрас карда мешавад. Мазмун ва мундариҷаи мавод маҳсули фикри мураттибон буда, метавонад, ба нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

Ба чоп 27.09.2023 иҷозат дода шуд. Андозаи 60×84/8. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 5. Адади нашр 13300 нусха. Дар матбааи ҶДММ «Контраст» чоп шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11 «Г».